ХАТЛОН: СОЛИ 2025 ПУРБАРАКАТ БУД с. 9

КУМАКИ ТОҶИКИСТОН БА ҒАЗЗА РАСИД с. 3

БОНКИ МИЛЛӢ СОЛИ 2025-РО НАТИҶАГИРӢ КАРД с. 7

ТОҶИКИСТОН

№ 6 (1671), 11.02.26 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якҷост! Оғози нашр соли 1992



ФАРЗОНА ДАР МИСР

Чӣ муҳаққиқи арабро шефтаи шеъри шоири тоҷик кард?



ДАР ИН ШУМОРА:

ШЕРАЛӢ КАБИР
Таъсиси 396 корхона бо 13 ҳазору 113 ҷойи корӣ с.5

РАМАЗОН
Фитри рӯза ва нисоби закот эълон шуд с.5

СУРИЯВУ ИРОҚ
Наздик ба 300 зану кӯдаки тоҷик мондаанд с.3

БА МАНФИАТИ КИШВАР
Ҷабборов сабаби барканории Тошиевро гуфт с.4

ДМТ
Иҷозатнома ба 12 ихтисоси нав с.6

ВАЛИЗОДА:
Мушкили оби нӯшокӣ дар Ёвон ҳал мешавад с.11

КАНЗИ ШИФО
7 роҳи эмин мондан аз сактаи дил с.12

ВАРЗИШ
Қуръакашии Чемпионати Тоҷикистон с.15

МАҶМААИ ИСТИҚОМАТИИ «БУЛЬВАР СКАНДИНАВИЯ»

Sebiston

кӯч. Панҷрӯд, маҳ. 91/92

› **Маҷмаа аз рӯйи лоиҳаи скандинавӣ - тарҳи мухтасар, фасадҳои равшан ва ҳавлиҳои бароҳат сохта мешавад.**

› **Маҷмаа дар марҳилаи аввали сохтмон қарор дошта, бунёди он бомаром идома меёбад.**

› **Сохтмон 3 сол идома меёбад.**

› **Барои харидорон пешпардохти қулай вуҷуд дорад, интихоби табъи дили худро барои зиндагии бароҳат имрӯз кунед.**

Телефони шуъбаи фурӯш:
(+992) 122-122-122



ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Матлубахон САТТОРИЁН,
Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон

Шералӣ КАБИР,
Вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон

Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА,
президенти АМИТ, академик

Муҷибахон ҶАВҲАРӢ,
раиси Кумита оид ба масъалаҳои ичтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дилбар ОДИЛЗОДА,
муовини раиси шаҳри Душанбе

Заробиддин ҚОСИМӢ,
Сардори ҳадамоти матбуотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
Раиси Шурои уламои Тоҷикистон

Носирҷон САЛИМӢ,
академик

Гулсифат ШАҲИДӢ,
нависанда

Рафоэл НЕКТАЛОВ,
Сармуҳаррири рӯзномаи The Bukharian Times

Иноят ИНОЯТОВ,
ҳуқуқшинос

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Усмон РАҲИМЗОДА,
муҳаррири сомонаи pressa.tj

Фирдавс САТТОРОВ,
саҳифабанд

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст. Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолиброаз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11

ТЕЪДОДИ НАШР:
33 000 нусха.

Давлаталӣ Саид:

СОЛИ 2025 БАРОИ ХАТЛОН ПУРБАРАКАТ БУД



Соли 2025 бо талошу заҳматҳои шабонарӯзӣ, сиёсати хирадмандона ва таваҷҷуҳи рӯзафзуни Пешвои миллат ба рушди минтақаҳо, дар вилояти Хатлон марҳилаи нави ободкориву созандагӣ оғоз гардида, сифат ва самаранокии фаъолияти масъулини мақомоти маҳаллӣ ва аҳолӣ ба таври назаррас баланд бардошта шуд.

Мавриди ба қайд аст, ки соли 2025 соли пурбаракат буд ва ба шарофати қадами муборакиСарвари маҳбуби миллат, ки дар давоми соли равон бо таваҷҷуҳи хос 6 маротиба ба вилояти Хатлон сафари корӣ анҷом доданд, дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 215 бинои иншоот дар соҳаҳои мухталифи иқтисодию ичтимоӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуда, дар онҳо беш аз 2200 ҷойҳои нави корӣ таъсис ёфтанд.

Дар доираи омодагӣ ба таҷлили ҷашни муқаддаси миллӣ - 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, нақшаи корҳои ободонию бунёдкорӣ дар вилоят пеш аз муҳлат ва бо нишондиҳандаи 106 фоиз ичро гардида, ба ҷойи 6260 адад иншооти пешбинишуда 6640 иншоот сохта мавриди истифода қарор гирифтанд, ки нисбат ба нақша 380 адад зиёд мебошад. Танҳо дар соли 2025 дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 2572 иншооти гуногун сохта ба истифода дода шуд, ки нисбат ба нақшаи солона 2,3 баробар зиёд аст. Илова бар ин, дар назар аст, ки соли 2026, дар идомаи ҳамин иқдомҳои созанда, зиёда аз 1500 иншооти нав, аз ҷумла муассисаҳои соҳаи маориф, амсоли муассисаҳои мактабӣ ва томактабӣ, тандурустӣ ва беш аз 80 корхонаву коргоҳи нави саноатӣ (аз ҷумла бо саҳми соҳибкорон) сохта мавриди истифода қарор дода шавад.

Боиси қайд аст, ки дар соли сипаришуда 146 муассисаи соҳаи маориф, аз ҷумла 110 муассисаи таълимӣ бо 1242 синфхона барои (31050 ҷойи нишаст дар як баст) 62100 ҷойи нишаст дар ду баст сохта, мавриди истифода қарор дода шуд. Ҳамзамон, дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои вилоят 32 адад муассисаи томактабӣ (аз ҷумла 20 боғча барои 4074 ҷой) мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуданд, ки ин теъдод фарогирии кӯдакони синни томактабиро аз 24,7 фоизи соли 2024 ба 33,2 фоиз дар соли 2025 баробар намуд. Аз ҷумла, аз ҳисоби соҳибкорон ва сокинони саховатпеша 61 муассисаи таълимӣ (барои 9450 ҷойи нишаст дар як баст) барои 18900 ҷойи нишаст дар ду баст (ба маблағи зиёда аз 115 млн сомонӣ) ва 13 муассисаи томактабӣ барои 2440 ҷой (ба маблағи зиёда аз 33 млн сомонӣ) бунёд гардиданд.

Ҳамчунин, давоми соли сипаришуда 41 муассиса барои соҳаи тандурустӣ ба маблағи 105 млн сомонӣ ва 61 иншооти соҳаи варзиш ба хотири солимгардонии аҳолӣ ба маблағи 131 млн сомонӣ (варзишгоҳҳои марказӣ, майдончаҳои варзишии кушода ва болопӯшида, ҳавзҳои шиновариӣ) сохта ба истифода дода шудааст.

Соли сипаришуда дар миқёси шаҳру ноҳияҳои вилоят 636 километр роҳҳои маҳаллӣ мумфарш ва 108 адад пул (кӯпрук) бо дарозии 3419 метр таъмиру азнавсозӣ гардиданд.

МАҶМӮИ МАҲСУЛОТИ МИНТАҚАВӢ (МММ)

Дар соли 2025 МММ ба 49,5 миллиард сомонӣ баробар ва рушди воқеии он 108,3 фоиз таъмин гардид, ки нисбат ба соли 2024 ба андозаи 6,7 миллиард сомонӣ зиёд мебошад. Ҳиссаи он дар таркиби маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар 28 фоизро ташкил дод.

МОЛИЯ ВА АНДОЗ

Нақшаи қисми даромади буҷет бо дарназардошти андози ичтимоии ғайрибуҷетӣ 103,3 фоиз таъмин гардида, ба буҷет 3,3 миллиард сомонӣ ворид шудааст, ки нисбат ба нақша 103 миллион сомонӣ зиёд аст.

Ба ташкилоту муассисаҳои буҷетии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он 4,8 миллиард сомонӣ чудо гардида, аз он 4,4 миллиард сомонӣ ё 91,7% ба соҳаҳои ичтимоӣ равона карда шудааст.

НАФАҚА

Шумораи нафақагирон дар вилоят 311669 нафар буда, талабот ба нафақапулӣ 1,8 млрд сомониро ташкил дода, дар соли 2025 ба пуррагӣ пардохт карда шудааст. Ҳисоби миёнаи нафақа дар вилоят 505,74 сомониро ташкил дода, нисбат ба соли 2024-ум 37 сомонӣ (7,9 фоиз) афзоиш ёфтааст.

БОНКҲО

Дар соли 2025 аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба соҳаҳои ичмоию иқтисодии вилоят 6,4 миллиард сомонӣ қарзҳо дода шудааст, ки нисбат ба соли 2024-ум 23,4 фоиз ё 1,2 миллиард сомонӣ зиёд мебошад. Аз ҳаҷми маблағи умумии қарзҳои додашуда 5,9 млрд сомонӣ ба соҳибкорон, аз ҷумла ба соҳибкории истеҳсолӣ 1,9 млрд сомонӣ равона гардидааст.

Аз ҷумла, аз ҳисоби маблағи умумӣ ба соҳаҳои кишоварзӣ 1,4 млрд сомонӣ (22,1%), саноат 264,4 млн сомонӣ (4,1%), сохтмон 161,5 млн сомонӣ (2,5%), нақлиёт 20,9 млн сомонӣ (0,3%), савдо ва хӯроки ҷамъиятӣ 513,4 млн сомонӣ (8,0%), хизматрасонӣ 553,7 млн (8,6 %), ипотека (хариди манзил) 426,9 млн (6,7%), истеъмолот 2 млрд 877,3 млн (44,9 %), автоқарз 105,8 млн (1,7 %) ва дигар соҳаҳо 66,6 млн сомонӣ (1,0%) равона карда шудааст.

ГАРДИШИ МОЛ

Гардиши мол дар соли 2025 ба 21,6 млрд сомонӣ расида, нисбат ба соли 2024-ум 2,9 млрд сомонӣ зиёд ва 111,9 фоиз афзоиш ёфтааст.

САВДОИ ХОРИҶӢ

Дар соли 2025 гардиши савдои хориҷӣ 464,1 млн доллари амрикоиро ташкил додааст, ки аз ин 205,2 млн долларро содирот ва 258,9 млн долларро воридоти молу маҳсулот ташкил додааст.

САРМОЯГУЗОРӢ

Дар вилоят 45 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ дар соҳаҳои гуногун амалӣ шуда, аз оғози татбиқ маблағи азхудшуда дар доираи лоиҳаҳои мазкур 1,1 млрд доллари амрикоиро ташкил медиҳад.

ТАЪСИСИ ҶОЙҲОИ НАВИ КОРӢ

Ба ҳолати 1-уми декбри соли 2025 дар вилоят 99797 ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шуда, нисбати дурнамои солона 122 фоизро ташкил медиҳад.

МУЗДИ МЕҲНАТ

Ба ҳолати 1-уми декабри соли 2025 дар вилоят музди миёнаи меҳнат ба 2238,46 сомонӣ баробар шуда, нисбати ҳамин давраи соли 2024-ум 24,3 фоиз афзоиш ёфт.

КИШОВАРЗӢ

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар соли 2025 ба 45,2 миллиард сомонӣ расонида шуд, ки афзоиши он нисбат ба соли 2024-ум 109,7 фоиз таъмин гардид.

(Давомаш дар саҳ. 8)



Аз нишастҳои матбуотӣ

Дар соли 2025 Амонатбонк ба беш аз 60 ҳазор мизоҷ дар ҳаҷми умумии 2,5 миллиард сомонӣ қарз пешниҳод намудааст.



Ба иттилои Алиҷон Салимзода, раиси Амонатбонк, ки 10-уми феврали соли равон зимни нишасти матбуотӣ ироа гардид, қарзҳо бо пули миллӣ бо меъёри аз 10 то 24 фоизи солона ва бо асъори хориҷӣ бо меъёри аз 7 то 12 фоизи солона дода мешаванд. Муҳлати истифодаи қарзҳо то 5 сол муқаррар шудааст.

Гуфта шуд, ки пешниҳоди қарзҳо асосан ба рушди соҳибкорӣ, дастгирии аҳолӣ ва қонеъ гардонидани ниёзҳои иҷтимоии мизоҷон равона гардидааст.

Соли 2025 ба Тоҷикистон 1 миллиону 784 ҳазору 454 сайёҳ омадаанд, ки нисбат ба соли 2024-ум 27,5 фоиз ё 384 ҳазору 299 нафар бештар мебошанд.



Дар ин бора Ҷамшед Ҷумахонзода, раиси Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Тоҷикистон зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод.

Аз шумораи умумии сайёҳон 1 миллиону 634 ҳазору 500 нафар аз кишварҳои узви ИДМ ва 149 ҳазору 900 нафар аз давлатҳои хориҷии дур мебошанд.

НАЗДИК БА 300 ЗАНУ КӮДАКИ ТОҶИК ДАР СУРИЯВУ ИРОҚ

Чаро онҳо ба Тоҷикистон барнамегарданд?

Айни замон дар манотиқи ҷангзадаи Сурия ва Ироқ тахминан 250-300 зану кӯдаки тоҷик боқӣ мондаанд. Дар ин бора Суҳайлӣ Қодирӣ, сардори Шуъбаи ҳифзи давлатии ҳуқуқҳои кӯдаки Ваколатдори ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон дар нишасти матбуотӣ ба рӯзноманигорон хабар дод.



Зикр гардид, ки гурӯҳи кории Тоҷикистон баъди ба сари қудрат омадани ҳукумати нав дар Сурия раванди баргардонидани занону кӯдакони тоҷикро қатъ кардааст ва ҳоло тақдири онҳо номуайян мебошад.



Суҳайлӣ Қодирӣ мегӯяд, ки Тоҷикистон дар чор давра дар умум 382 зану кӯдаки тоҷикро аз минтақаҳои ҷангзадаи Сурияву Ироқ баргардонидааст.

Аз ҷумла:

- соли 2019 - 84 кӯдак;
- соли 2022 - 144 зану кӯдак;
- соли 2023 - 104 зану кӯдак;
- соли 2024 - 47 зану кӯдак
ба кишвар баргардонида шудаанд.

Ҳамчунин, ба иттилои ин масъули Ваколатдори ҳуқуқи инсон 90 нафари дигар худашон ба Тоҷикистон баргаштаанд. Вале сарнавишти боқимондаҳо имрӯз номаълум аст.

“Тибқи иттилои охире, ки дар даст дорем, дар маҷмуъ онҳо 800 нафар буданд ва ҳоло тахминан 250-300 нафари онҳо боқӣ мондаанд”,- изҳор дошт ӯ.

Суҳайлӣ Қодирӣ мегӯяд, бо сабаби ба сари қудрат омадани ҳукумати нав дар Сурия, гурӯҳи корӣ раванди баргардонидани занону кӯдакони тоҷикро дар ин кишварҳо қатъ кардааст.

“Дар марҳилаи охир, соли 2024 мо дар назар доштем, ки тамоми занону кӯдакони боқимондаро баргардонем.

Ба қавли ӯ, аксари онҳо фикр мекунанд, ки вақте ба Тоҷикистон бармегарданд, нисбаташон парванда боз мешавад ва ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

“Ҳатто дар байни худи баргардонидашудагон низ чунин фикрҳо буданд, аммо чун баргаштанд, диданд, ки ҳеҷ парвандае нест ва ҳамаи онҳо бахшида шуданд”,- зикр кард ӯ.

Суҳайлӣ Қодирӣ мегӯяд, ҳамаи кӯдаконе, ки ба Тоҷикистон баргардонида шуданд, ба оилаҳояшон супорида шудаанд. Ёдовар мешавем, ки соли 2013 пас аз сари қудрат омадани ҷангҷӯёни ҳаракати дар кишварҳои Осиёи Миёна мамнуи “Давлати исломӣ” ҳудуди ду ҳазор шаҳрванди Тоҷикистон ба онҳо пайвастаанд. Бархе мардон зану фарзандони худро низ бо худ ба Ироқу Сурия бурда буданд, вале бештари мардони ба ин гурӯҳ пайваста дар ҷангҳо кушта ё бедарак шудаанд.

ВАЛЕ ПЕШ АЗ ҲАМА БО АЙБИ ХУДАШОН АСТ. МУТААССИФОНА, ХУДАШОН РОЗӢ НАШУДАНД, КИ БАРГАРДАНД”,- ГУФТ ҚОДИРӢ.



КОНСУЛГАРИИ АФҒОНИСТОН ФАЪОЛИЯТ-ТАШРО ҚАТЪ НАКАРДААСТ

Вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон рӯзи 6-уми феврал дар нишасти хабарӣ гуфт, ки Консулгарии Афғонистон дар шаҳри Хоруғи ВМКБ фаъолияташро идома медиҳад.

Сироҷиддин Мухриддин изҳор дошт, ки “Консулгарии Афғонистон дар шаҳри Хоруғ аз моҳи апрели соли 2003 ифтитоҳ шуда, то ба имрӯз фаъолият дорад”.

Расонаҳои Афғонистон моҳи декабри соли гузашта навишта буданд, ки ҳукумати Толибон* дар Афғонистон Нақибуллоҳ Деҳқонзода, консули Афғонистон дар шаҳри Хоруғи Тоҷикистонро аз кор ронда, фаъолияти ин Консулгариро қатъ кардааст.

КУМАКИ ТОҶИКИСТОН БА ҒАЗЗА РАСОНИДА ШУД

Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон хабар медиҳад, ки кумаки башардӯстонаи ҳукумат ва мардуми Тоҷикистон ба мардуми ниёзманди Ғаззаи Фаластин расонида шудааст.

ВКХ рӯзи 10-уми феврал навиштааст, ки корвони ёрии Тоҷикистон шоми 8-уми феврал тариқи гузаргоҳи Рафаҳ дар марзи Миср ба иштироки сафири Тоҷикистон дар Миср ва намояндагони муассисаҳои хайриявии Тоҷикистон ба дохили Ғазза интиқол дода шуд.

Ба гуфтаи манбаъ, ин кумак иборат аз маводи хӯрокӣ, либоси гарм, хайма ва “плёнка”-ҳои обногузар буда, дар 6 мошини боркаш фиристода шудааст.

Тоҷикистон қаблан дар моҳи январи соли 2025 ҳам якҷо бо чанд давлати дигар барои мардуми Ғазза 200 тонна орди гандум ҳамчун кумаки башардӯстона фиристода буд.

САРИ САБЗ



Қурбон ҲАКИМЗОДА, вазири кишоварзии Тоҷикистон

- Бисёре аз ҷаллобон (узр барои истифодаи чунин калима) баҳри фоидаи худ беасос нархҳоро боло мебаранд. Нарх вобаста ба вазъи биологӣ ва чисмонии чорво аз 50 то 54 сомонӣ, вале баъд гӯштро бо нархи 110-115 сомонӣ мефурӯшанд. Ин ҷо ҳам бояд инсоф бошад охир?

- Узр пеш наоред ва зиёд асабонӣ ҳам нашавед, ҷаноби вазир! Чанд рӯз баъд моҳи шарифи Рамазон фаро мерасад ва мебинем, ки қалби бисёре аз ҷаллобон моломоли инсоф мешавад.



Фирӯза ЭМОМОВА, рассом, меъмор, омӯзгор

- Дар кӯдакӣ ҳар шумораи маҷаллаи “Хорпуштак”-ро бесаброна интизорӣ мекашидем. Он вақт теъдодаш аз марзи даҳ ҳазор гузашта буд, хурду калон ба он обуна шуда буданд. Чанд соли охир дар ҳудуди чорсад нусха нашр мешавад, ки хеле нигаронкунанда аст.

- О, нигаронкунанда ки бошад, намешавад, ки ҳамчун карикатурист ба ҳайати эҷодии маҷалла кумаки амалӣ расонед? Тавре мебинем, яке аз сабабҳои камии тираж заифии мазмуну мундариҷа аст...



Абдуҷалили АМОН, корманди Маркази “Хирад”

- Субҳ мерафтам китобхона, ҳамон ҷо назди китобхона чойхона буд, наҳор мехӯрдам ва то бегоҳ ба мутолиа машғул мешудам. Метавонам бо итминон бигӯям: он сол яке аз бобарортарин солҳои зиндагии ман буд, маҳз ҳамон соле, ки аз донишгоҳ хориҷ шуда будам.

- Ҳммм, чунин изҳори назар кардан-тон он қадар хуб не-дия! Нашавад, ки чандин донишҷӯй “бобарортарин соли зиндагӣ”-и шуморо бо ҳарорат ва шӯру шавқ пеши назар оранд?!

«БА МАНФИАТИ КИШВАР»

Ҷабборов сабаби барканории Тошиевро гуфт



Қамчибек Тошиев, раиси Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ва ҳамзамон муовини раиси Деванони вазирони Қирғизистон, ки номаш дар пайванд ба баҳсҳои марзӣ дар Тоҷикистон ҳам маъруф аст, аз мақом барканор карда шудааст.

Фармонро дар ин бора Содир Ҷабборов, раисҷумҳури Қирғизистон рӯзи 10-уми феврал имзо кард.

Сухангӯйи Ҷабборов аз номи ӯ навишт, “ин тасмимро, пеш аз ҳама, ба манфиати кишварамон қабул кардам, то дар байни ҷомеа ва ниҳодҳои давлатӣ тафриқа (чудой) нашавад ва баръакс ягонагӣ тақвият ёбад”.

Се муовини Қамчибек Тошиев дар Кумитаи давлатии амнияти миллии Қирғизистон низ аз вазифа сабукдӯш шуда, ба ҷойи онҳо афроди нав таъйин гаштаанд.

Манобеи наздик ба Тошиев дар суҳбат бо бахши қирғизии Радиои Озодӣ аз кор ронда шудани ӯро "комилан ғайричашмдошт" номида, гуфтанд, вай ин хабарро замоне шунид, ки машғули табобат буд.

Дар яке аз сафоратҳои Қирғизистон дар Аврупо рӯзи даҳуми феврал ба бахши қирғизии Радиои Озодӣ гуфтаанд, Қамчибек Тошиев дар шаҳри Мюнхени Олмон табобат мегирад.

Қамчибек Тошиеви 57-сола, ки аз ҳампаймонҳои раисҷумҳури Қирғизистон буд, пас аз рӯйдодҳои октябри соли 2020 дар Қирғизистон раиси Кумитаи давлатии амнияти миллии ин кишвар таъйин шуда, ба гуфтаи худаш, муборизаро алайҳи фасоди молӣ ва ҷинояткории созмонёфта эълон кард.

Дар аҳди раёсати ӯ дар Кумитаи давлатии амнияти миллӣ чанде аз чеҳраҳои шинохтаи олами ҷиноӣ дар Қирғизистон дастгир ва молу амволашон ба фоидаи давлат мусодира шуд. Ҳамзамон бо ин, фишор ба ҷомеаи шаҳрвандӣ ва сиёсатмадорони мухолифу расонаҳои озод низ афзоиш ёфт.

Қамчибек Тошиев дар ҳалли бахси сарҳадӣ бо Тоҷикистон ҳайати кишварашро роҳбарӣ мекард.

ЭКСТРЕМИЗМИ ХУШУНАТОМЕЗ

- замина барои терроризм

12-уми феврал ҳамасола бо Қатъномаи СММ чун “Рӯзи байналмилалии пешгирии экстремизми хушунатомез, ки замина барои терроризм мешавад” эълон карда шудааст.

Тундгароӣ ва экстремизму терроризм таърихи тӯлонӣ дошта, дар як муддати кӯтоҳ ба вуқуъ напайвастаанд. Тавре Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд: “Доираи хатару таҳдидҳои аз терроризму ифротгароӣ бароянда мунтазам васеъ гардида, ин зуҳуроти харобиовар боиси оқибатҳои даҳшатбор мегарданд ва фаъолияти созмону гурӯҳҳои террористиву ифротгаро хусусияти афзояндаи фаромарзиву фаромиллӣ касб менамояд”.

Таҷрибаи байналмилалӣ ва ватании муқовимат ба экстремизм ва терроризм собит менамояд, ки муваффақ шудан дар ин ҷода таҳия ва амалӣ намудани чорабиниҳои маҷмӯии ба бартараф намудани омилҳои мафкуравӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва ниҳодии фаъолшавии онҳо равонашударо дар сатҳи ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ тақозо дорад.

Барномаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷиикистон дар самти пешгирии экстремизму терроризм, ки дар асоси дастуру супоришҳои бевоситаи Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз соли 2015 инҷониб ҳамчун аввалин ташаббуси минтақавӣ дар миқёси Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил қабул ва татбиқ мешаванд, фаъолияти пешгирикунандаро дар муқовимат ба тундгароӣ, хурофотпарастӣ ва экстремизму терроризм дар меҳвари худ гузошта, чун Қатъномаи номбурдаи Созмони Милали Муттаҳид таъкид менамоянд, ки пешгирӣ пуриқтидортарин силоҳи мо буда, бештар аз яроку аслиҳа ва қавитар аз деворҳои баланди муҳофизатӣ мебошад.

Сухан пеш аз ҳама дар бораи Стратегияи пешгирии экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи барқарорсозӣ ва реинтегратсияи шахсони дорои гузаштаи экстремистӣ ё террористӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи барқарорсозӣ, ба ҳаёти муқаррарӣ мутобиқ намудан ва бо ҷойи кору таҳсил таъмин намудани занону кӯдакони аз минтақаи амалиётҳои ҷангӣ баргардонидашуда, Барномаи омӯзиши касбӣ ва бо ҷойи кор таъмин намудани маҳкумшудагон ва шахсони аз адои ҷазо озодшуда, Барномаи солимгардонӣ, барқарорсозӣ ва ҳамгироии маҳбусони барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти экстремистию террористидошта маҳкумшуда ва дигар барномаҳои давлатие меравад, ки мустақиман ё ғайримустақим ба пешгирии экстремизму терроризм, баланд бардоштани некӯаҳволии мардум ва бо ҷои кор таъмин намудани шаҳрвандону сокинони мамлакат равона шудаанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аллакай дар ду марҳила Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризмро барои солҳои 2016-2020 ва 2021-2025 муваффақона татбиқ намуда, Стратегияи ҳамсон барои давраи то соли 2040 ва Нақшаи амали он барои солҳои 2026-2030 дар арафаи татбиқёбист.

Ҳифзи истиқлолият, таъмини вахдати миллӣ ва дар ин радиф пешгирӣ намудани тундгароиву ақидаҳои ифротӣ вазифаи муқаддаси ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, он кафили сулҳу оромӣ, ҳувияти миллӣ ва суботи кишвар мебошад.

Зуҳуроти нигаронкунандаи таассубу хурофот, тафриқаандозиву ифротгароии динӣ ва дар ин замина риоя нагардидани қонунҳои амалкунанда бо таълимоти инсонпарваронаи дини ислом робитае надорад. Аз ин рӯ, моро дар қатори ходимони дин мебояд, ки дар пешгирӣ кардани бадахлоқиву ҷинояткорӣ, вайроншавии оилаҳои ҷавон, таълимоти ғайриқонунии динӣ ва гирифтани пеши роҳи ифротгароии динӣ пешсаф буда, дар ҳидояти ҷавонону наврасон ба омӯзиши илму донишҳои дунявӣ, хусусан, фанҳои риёзиву табиӣ ва техникӣ фаъол бошем.

Бахтиёр ШОҲИДДИНЗОДА,
ёрдамчии калони прокурори
н. Шоҳмансури ш. Душанбе

Аз нишастҳои матбуотӣ

Соли гузашта 11 ҳазору 553 нафар, ки номашон дар феҳристи қарздорони Хадамоти иҷро қарор дошт, натавонистанд аз ҳудуди кишвар берун шаванд.



Дар ин бора раиси Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Тоҷикистон Аҳтам Абдуллозода зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод.

Ба гуфтаи ӯ, ин рақам нисбат ба соли 2024-ум 7 ҳазору 579 нафар зиёд мебошад. Маҳдуд гардидани ҳуқуқи сафар барои қарздорон натиҷаи мусбат додааст. Танҳо дар соли 2025-ум 2 ҳазору 156 нафар аз қарздорон пас аз ҷорӣ шудани маҳдудият қарзҳои худро пардохт намудаанд.

Соли 2025 дар шаҳри Душанбе беш аз 4,1 миллион метри мураббаъ иншооти маъмурӣ, хонаҳои истиқоматӣ ва марказҳои савдою хизматрасонӣ ба истифода дода шуд. Ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2024-ум 3,6 маротиба зиёд мебошад.



Дар ин бора муовини якуми раиси шаҳри Душанбе Бахтиёр Шарифӣ зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод.

Ба гуфтаи ӯ, ҳаҷми умумии маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳо бо нархҳои муқоисавӣ ба беш аз 8,3 миллиард сомонӣ баробар гардида, нисбат ба ҳамин давраи соли 2024-ум 31,3 фоиз афзоиш ёфтааст.

Ба иттилои раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Тоҷикистон Бунафша Файзиддинзода, соли сипаришуда аз ҷониби занҳо ба ин ниҳод 3 ҳазору 609 шикоят оид ба зӯроварӣ аз ҷониби мардон ворид шудааст. Нисбат ба соли 2024-ум 367 ҳолат бештар мебошад.



Шумораи мурочиат аз ҷониби мардҳо низ рӯ ба афзоиш ниҳодааст. Тибқи маълумоти масъулин, соли 2025 Кумитаи кор бо занон ва оила 590 шикояти мардҳоро вобаста ба зӯроварӣ аз ҷониби занон қабул кардааст. Ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2024-ум 36 ҳолат зиёд аст.



Имсол дар Тоҷикистон моҳи шарифи Рамазон 19-уми феврал оғоз шуда, сокинон то 20-уми март рӯза мегиранд. Дар ин бора Афшин Муқим, сухангӯи Кумитаи дин ва танзими ҷашну маросим хабар дод. Ӯ гуфт, ки мувофиқи ҳисоби илмӣ аввали моҳи шарифи Рамазон дар соли 2026 ба ҳисоби тақвимӣ рӯзи панҷшанбеи 19-уми феврал муайян шудааст.

Ӯ гуфт, ки 10-уми феврал Шурои уламои кишвар ҷаласа баргузор карда, дар асоси хулосаи Пажӯҳишгоҳи астрофизикаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон қарори дахлдорро қабул кардааст.

Тибқи қарори Шурои уламо, дар соли 2026 маблағи фитри рӯза ва фидяи савм нисбат ба соли гузашта кам шудааст, аммо нисоби закот афзоиш ёфтааст.

Фитри рӯза:

Имсол ҳар як кас бояд 7 сомонӣ фитри рӯза пардохт кунад, ки нисбат ба соли 2025 (8 сомонӣ) як сомонӣ кам шудааст.

Нисоби закот:

Агар шахс 64 ҳазор сомонӣ ё зиёдтар дошта бошад, бояд 1 ҳазору 600 сомонӣ закот диҳад. Дар соли гузашта ин нишондиҳанда 36 ҳазору 900 сомонӣ буд ва маблағи закот 880 сомониро ташкил медод. Имсол ҳам нисоб ва ҳам маблағи закот қариб ду баробар афзоиш ёфтааст.

Фидяи савм:

Барои онҳое, ки ба сабабҳои шаръӣ рӯза намегиранд, фидяи савм дар соли 2026 барои 30 рӯз 420 сомонӣ (14 сомонӣ барои як рӯз) муқаррар карда шудааст. Соли 2025 ин рақам 480 сомонӣ (16 сомонӣ барои як рӯз) буд.

Сабаби тағйирот

Аз Кумитаи дин ва танзими ҷашну маросим сабаби тағйироти чашмрас дар маблағи фитри рӯза, фидяи савм ва нисоби закот нисбат ба соли гузаштаро ба нархи тило ва гандум рабт доданд.

Аз ин ниҳод гуфтанд, ки нисоби закот бо назардошти нархи тило ҳисоб карда мешавад ва чун имсол нархи тило гарон шудааст, нисоби закот ҳам нисбат ба соли пешин афзоиш ёфтааст.

Фитри рӯза бо назардошти нархи гандум ҳисоб мешавад ва чун гандум имсол дар Тоҷикистон арзонтар шудааст, фитри рӯза ҳам нисбат ба соли пешин камтар ҳисоб шудааст.

Ва ҳамин тавр, фидяи савм ҳам аз ҳисоби арзон шудани гандум нисбат ба соли пешин камтар ҳисоб шудааст.



Аз нишастҳои матбуотӣ

Сатҳи таваррум дар Тоҷикистон соли гузашта 3,5 фоизро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2024-ум 0,1 банди фоизӣ камтар мебошад.



Дар ин бора вазири рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон Абдураҳмон Абдураҳмонзода зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод.

Ба гуфтаи вазир, таваррум асосан аз ҳисоби болоравии нархҳо дар бахшҳои гуногун ташаккул ёфтааст. Аз ҷумла, нархи маҳсулоти озуқа 4,5 фоиз, молҳои ғайриозуқа 1,5 фоиз ва хизматрасонӣ 5,7 фоиз афзоиш ёфтааст.

Соли 2025 Тоҷикистон 6 миллиарду 925 миллиону 300 ҳазор доллар сармояи хориҷӣ ҷалб кард, ки назар ба соли 2024-ум 1 миллиарду 798 миллиону 600 ҳазор доллар ё 35,1% зиёд аст.



Дар ин бора Султон Раҳимзода, раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Тоҷикистон иттилоъ дод.

Ба гуфтаи ӯ, дар ин давра воридоти сармояи хориҷӣ аз кишварҳои узви ИДМ 3 миллиарду 31 миллион доллар ё 43,8%-и ҳаҷми умумиро ташкил дода, дар қиёс ба соли 2024 дар ҳаҷми 1 миллиарду 67 миллион доллар ё 54,4% бештар мебошад.

Шералӣ Кабир, вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон гуфт, ки соли 2025 дар Тоҷикистон 396 корхонаи нави саноатӣ бо 13 ҳазору 113 ҷойи корӣ таъсис ёфт.



Ӯ зимни нишасти матбуотӣ дар ин бора иттилоъ дода, таъкид кард, ки соли гузашта корхонаҳои навтаъсис дар умум ба маблағи 198,75 млн сомонӣ маҳсулот истеҳсол кардаанд.

Ба гуфтаи ӯ, ба ҳолати 1-уми январи соли 2026 дар Тоҷикистон 3 ҳазору 972 корхонаи саноатӣ бо 92 ҳазору 927 ҷойи корӣ сабт шуда, назар ба соли гузашта 198 корхона бештар аст.


АЗ КИТОБИ СЕНДИ ГАЛЛ «НАПОЛЕОНИ АФҒОНИСТОН»

МУЛОҚОТ БО МАСЪУД

(Идома аз шумораҳои гузашта)

Дар он замон навиштам: “Ӯ дар миёни мо буд, монанди дигар мардони афғонӣ, ки дар канори мо истода буданд, аммо чизе сеҳромез, ҳолае (ҳалқае) аз хирад ва амонати илоҳӣ, ӯро аз дигарон мутамойиз мекард”. Вақте ба ӯ даст додам, мутаваҷҷеҳи чашмонаш шудам; нигоҳе ҷасур ва зирак дошт. Аз дидгоҳи ман зоҳири хубе дошт: бинӣ уқобӣ, чеҳрае кашида ва мутафаккир. Баъдҳо дарёфтам, дар канори ин вижагиҳо, ӯ марди амал низ ҳаст. Вучуди ин виқор ва иқтидор дар марди 28-сола ҳайратангез буд. Ҳамин ки нишастем ва худро омодаи гуфтугӯ кардам, як чети (ҳавопаймо) русӣ зӯзакашида аз болои сарамон гузашт ва Масъуду ҳамроҳонаш ба сӯи хона давиданд ва аз мо хостанд, ки дунболашон кунем. Ҳамагӣ вориди утоқе бо сақфи баланд шудем, ки заминаш фарш шуда буд ва деворҳои сафеду ифлосе дошт, ки як корти пустол (баргаи табрикӣ) аз Макка рӯи он дида мешуд. Дар гӯшае нишастем. Бароямон чой бо нон ва равғани гарм оварданд, аввалин бор буд, ки нони бидуни махмарро ин гуна мехӯрдем, ба шакли шигифтоваре маззаи хубе дошт. Яке аз ҳамроҳони сини кӯчаке бо як финҷон чой ва як қобламаи (деги) ҷудогона «ширчой» оварад, ки қаблан махлут шуда буд ва нӯшидании лазизе буд.

Он рӯз ба унвони меҳмони Масъуд аз он чой нӯшидем ва Масъуд дар кунҷи утоқ, дар ҳоле ки ба оромӣ чойро ҳурт мекашид, яке аз номаҳо ва паёмҳое, ки дар дасташ буд, хонд ва ба суръат посухи онро навишт. Баъдан, вақте суҳбати ӯро бо бародарон ва дигар афроди маҳаллӣ дидам, маро ба унвони шунавандаи хуб муаррифӣ кард. Ба назар мерасид бахши аъзами иттилоот аз тариқи шифоҳӣ дар ихтиёри ӯ қарор мегирад. Дар поёни ҳар гуфтугӯ ӯ чанд калимаи калидӣ мегуфт ва ангор, ки фармон содир карда бошад. Мо фақат назорагари Масъуд будем, ки чӣ гуна ба унвони раиси Ситоди Артиш амал мекунад: иттилоотро дарёфт ва дастуротро содир мекард ва ба таври дақиқ мушаххас менамуд, аз ҳар гурӯҳ чӣ интизорӣ дорад. Тамоми муддат машғули нӯшидани ширчой, хондани нома, навиштани посух, судури фармон ва шунидани суханони нерӯҳояш буд. Агарчи ҳар он интизори ҳамла мерафт, ӯ ҳамчунон бо виқор ва ором нишаста буд. Дар он лаҳза ӯ намедонист, ки русҳо дар садади ҳамлаи бузурге ба номи «Панҷшери шашум» ҳастанд ва ба зудӣ осмони Панҷшер мамлу (пур) аз чархболҳо ва ҷангандаҳои рус хоҳад шуд, ки барои бомбаборони рустоҳои Панҷшер омада буданд; дар ин амалиёт ҳазорон сарбози пиёданизоми Артиши Шуравӣ ва танкҳои Т-54 ва нафбарҳои зиреҳии БТР низ аз замин пуштибонӣ карданд.Дар он утоқи бузург наздик ба сад марди панҷшерӣ ҳузур доштанд, ки ҳамагӣ аз мардони муҷоҳиде буданд, ки дар тӯли дувуним соли гузашта панҷ ҳамлаи бузурги Шуравӣ - он чиро амрикоиҳо дар Ветнам «амалиёти ҷустуҷӯ ва таҳриб» меномиданд - аз сар гузаронда буданд ва ҳеҷ нишонае аз тарс дар чеҳраи онон вучуд надошт.



Хунсардӣ ва оромиши Масъуд машҳуд буд. Бо вуҷуди эҳтимоли ҳамла ором буд ва ин оромиш ба ҳамразмонаш эътимод ба нафс медод. Мардум меомаданд ва бо ӯ суҳбат мекарданд. Ҳангоме ки мехостанд ӯро хитоб кунанд, ба нишонаи эҳтиром андаке сар хам мекарданд. Ӯ бисёр кӯтоҳ ва сареҳ посух медод ва дубора машғули навиштан мешуд.

Бо таваҷҷуҳ ба он чӣ дар он субҳ мушоҳида кардам, метавонам бигӯям:

“Ҳеҷ достоне дар кор нест, пои ҳеҷ асотирсозӣ дар миён нест, ӯ фақат як шахсияти бисёр масъулиятпазир ва амалгаро аст”. Дар он замон, дар ҳоле ки дар кунҷе аз утоқ рӯи фарши хокӣ нишаста будам, ба Масъуд ва муҷоҳидонаш менигаристам... ва фикр мекардам, “эҳтимолан Тито ва партизанҳояш дар даҳаи 1940 тақрибан ҳамин шакл буданд”. Агар ин воқеиятро, ки Тито коммунист буд, нодида бигирем, оё метавон гуфт “Масъуд Титои дигаре аст?”. Барои посух ба ин суол ҳанӯз зуд аст; Масъуд аз Тито хушаш намеомад ва дар айни ҳол Масъуд дорои шахсияти фарогир ва таъсиргузор буд.

Дар поёни ҷаласа фарде назди мо омад ва гуфт Масъуд мехоҳад бо шумо суҳбат кунад. Моро ба утоқи кӯчаке дар хориҷ аз солуни асосӣ ҳидоят кард. Чанд дақиқа баъд Масъуд ба танҳоӣ вориди утоқ шуд ва ба навбат бо ҳамаи мо даст дод ва аз мо даъват кард, ки бинишинем. Ҳеҷ сандалӣ (курсӣ) барои нишастан вуҷуд надошт; замини хона ба сабки хонаҳои афғон бо фарш пӯшида шуда ва кӯсонҳое ба деворҳо такя дода шуда буданд. Рӯи замин нишастем ва ба мурури бештар бо сабки зиндагии онҳо ошно шудем. Бо он ки ман инсони мутобиқпазире будам ва аз бачагӣ одат доштам шабеҳи афғонҳо рӯи замин биншинам, ҳаргиз нафаҳмидам содатарин шароити зиндагӣ дар Афғонистон чӣ гуна аст. Масъуд ибтидо бо Жан-Хосе Пуиг (Jean Jose Puig) суҳбат кард ва сипас бо чеҳрае хандон ва дӯстона ба сӯи мо рӯ кард.

(Давом дорад)

Аз нишастҳои матбуотӣ

Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Донишгоҳи байналмилалии тадқиқотҳои Сиан (XISU)-и Чин як институти таҳқиқотии муштарак барои омӯзиши электромобилҳо ва барқарору безарар кардани аккумулятори ин навъи автомобилҳо бунёд хоҳад кард.



Дар ин бора Президенти АМИТ, академик Қобилҷон Хушвахтзода зимни нишасти матбуотӣ хабар дод. Қобилҷон Хушвахтзода гуфт, ки АМИТ бо Донишгоҳи байналмилалии тадқиқотҳои Сиан (XISU)-и Чин ҳамкорӣ дорад ва масъалаи омӯзиши нақлиёти барқӣ дар меҳвари гуфтугӯйи онҳо қарор дорад.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои зинаи бакалавр аз рӯйи 12 ихтисоси нав иҷозатнома гирифт. Дар ин бора зимни нишасти матбуотӣ ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иттилоъ дод.



Ба ин ихтисосҳо моделиронии математикӣ, технологияи иттилоотии ҳисоби бухгалтерӣ, зеҳни сунъӣ, системаҳои иттилоотӣ ва технология, таърих (ихтисоси нав), забони хориҷӣ (бо нишон додани забони таҳсил), иқтисодиёт ва идора дар корхонаҳои хурду миёна, молия ва қарз дар фаъолияти иқтисоди берунӣ, геология (сохтмони иншооти гидроэнергетикӣ ва нақбҳо), хадамоти гумрукӣ, сиёсат ва робита бо ҷомеа, инчунин таъмини ҳуқуқии муқовимат бо коррупсия шомил мебошанд.

Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе ба омӯзгороне, ки рисолаи номзадӣ дифоъ мекунанд, 20 ҳазор сомонӣ ва ба онҳое, ки рисолаи докторӣ дифоъ мекунанд, 40 ҳазор сомонӣ мукофотпулӣ медиҳад.



Дар ин бора Баҳрулло Файзализода, директори иҷроияи филиал дар шаҳри Душанбе иттилоъ дод. Ҳамчунин, дар филиали мазкур ду маҷаллаи илмии тақризшаванда барои муҳаққиқон мавҷуд аст, ки дар бахши илмҳои табиӣ ва заминшиносӣ ва илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ мақолаҳо нашр мекунанд.

НАТИҶАҲОИ ФАЪОЛИЯТИ НИЗОМИ БОНКӢ ДАР СОЛИ 2025

11-уми феврали соли 2026 тибқи нақшаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ташкил ва гузаронидани нишастҳои матбуотӣ дар вазорату идораҳо оид ба ҷамъбасти соли 2025 дар Бонки миллии Тоҷикистон бо иштироки намояндагони воситаҳои ахбори оммаи дохилӣ ва хориҷӣ нишасти матбуотӣ баргузор гардид.



Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Толибзода Фирдавс зимни ифтитоҳи нишаст таъкид намуд, ки Бонки миллии Тоҷикистон фаъолияти худро дар соли 2025 тибқи қонунгузории соҳавӣ, вазифагузориҳое, ки аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» бармеоянд, инчунин дар асоси «Самтҳои асосии сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025 ва давраи миёнамуҳлат» ба роҳ мондааст. Сипас ба таваҷҷуҳи иштирокдорон маълумоти муфассал дар шакли видеографикаҳо оид ба натиҷаҳои рушди иқтисодӣ ва фаъолияти низоми бонкӣ пешниҳод карда шуд. Аз ҷумла қайд карда шуд:

Дар соли 2025 сатҳи таваррум дар ҳудуди поёнии нишондиҳандаи мақсаднок (5 фоиз ± 2 банди фоизӣ) ҷамъбаст гардида, 3,5 фоизро ташкил дод, ки нисбат ба соли қаблӣ 0,1 банди фоизӣ кам мебошад. Бо мақсади танзими ҳаҷми пул дар муомилот ва коҳиши фишорҳои таваррумӣ 110 музоядаи фурӯши коғазҳои қиматнок ба маблағи 63,6 млрд сомонӣ баргузор гардид. Меъёри бозтамвил бинобар идома ёфтани раванди муътадили сатҳи нархҳои дохилию ҷаҳонии молу маҳсулот ва дар ҳудуди поёнии ҳадафи муқаррарагардида қарор доштани сатҳи таваррум ва нисбатан муътадил будани интизориҳои таваррумӣ дар соли ҳисоботӣ тадриҷан 1,5 банди фоизӣ паст карда шуда, дар сатҳи 7,5 фоизи солона муқаррар карда шуд.

Бонки миллии Тоҷикистон дар соли 2025 сиёсати қурбиро дар реҷаи “шинокунандаи танзимшаванда, бе муайян ва эълон кардани ҳудудҳои тағйирёбии қурб” идома дода, қурби расмии сомонӣ нисбат ба доллари ИМА ба андозаи 15,4 фоиз устувор гардид.

Дар ҷумҳурӣ то санаи 31-уми декабри соли 2025 дар маҷмуъ 69 ташкилоти қарзии молиявӣ, аз ҷумла 18 бонки анъанавӣ, 1 бонки исломӣ, 26 ташкилоти амонатии қарзии хурд, 2 ташкилоти қарзии хурд ва 22 фонди қарзии хурд фаъолият намудааст. Теъдоди воҳидҳои сохтории ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар интиҳои соли 2025 ба 1 960 адад баробар гардид, ки нисбат ба ҳамин санаи соли қаблӣ 32 адад зиёд мебошад.Дороиҳо ва уҳдадориҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар интиҳои соли 2025 ба 59,2 млрд сомонӣ ва 47,9 млрд сомонӣ баробар шуданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2024 мувофиқан 24,8 фоиз (ё 11,8 млрд сомонӣ) ва 24,4 фоиз (ё 9,4 млрд сомонӣ) зиёд мебошанд. Сармояи тавозунии ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба 11,3 млрд сомонӣ баробар шуда, нисбат ба ҳамин санаи соли қаблӣ ба андозаи 2,3 млрд сомонӣ ё 26,2 фоиз зиёд шудааст. Ба ҳолати 31-уми декабри соли 2025 бақияи умумии пасандозҳо 33,9 млрд сомониро ташкил дод, ки дар муқоиса ба ҳамин санаи соли қаблӣ 8,4 млрд сомонӣ ё 32,8 фоиз зиёд мебошад. Ҳаҷми умумии бақияи пасандозҳо аз рӯи ҳисса бо пули миллӣ 62,5 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 37,5 фоизро ташкил намуд. Дар таркиби бақияи умумии пасандозҳо ҳиссаи шахсони ҳуқуқӣ 14,7 млрд сомонӣ ё 43,5 фоиз ва ҳиссаи шахсони воқеӣ 19,2 млрд сомонӣ ё 56,5 фоизро ташкил медиҳад.

Дар соли 2025 ҳаҷми қарзҳои додашуда 30,0 млрд сомониро ташкил дода, нисбат ба соли қаблӣ 22,1 фоиз зиёд мебошад. Аз ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда ба соҳаҳои истеъмолот 42,6 фоиз, савдо ва хӯроки чамъиятӣ 13,4 фоиз, кишоварзӣ 11,8 фоиз, саноат 8,3 фоиз, хизматрасонӣ 7,1 фоиз, ипотека 6,1 фоиз, сохтмон 4,5 фоиз ва дигар соҳаҳо 6,2 фоиз рост меояд. Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки аз ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда 27,4 фоиз ба сохибкории истеҳсолӣ рост омада, маблағи 8,2 млрд сомониро ташкил додааст.

Дар соли ҳисоботӣ ба маблағи 22,0 млрд сомонӣ қарзҳои хурд дода шудааст, ки нисбат ба соли қаблӣ 23,5 фоиз зиёд мебошад. Фоизи миёнавазни қарзҳо дар ҳамин давра бо пули миллӣ 22,6 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 11,7 фоизро ташкил дод. Бақияи сандуқи қарзии маҷмуии ташкилотҳои қарзии молиявӣ бошад, дар интиҳои соли ҳисоботӣ маблағи 26,1 млрд сомониро ташкил дода, нисбат ба интиҳои соли 2024 ба маблағи 4,7 млрд сомонӣ ё 22,2 фоиз афзоиш ёфтааст.

Гуфта шуд, ки ба санаи 31-уми декабри соли 2025 микдори умумии кортҳои пардохтии бонкӣ 10,4 млн ададро ташкил дода, нисбат ба ҳамин санаи соли қаблӣ 23,7 фоиз зиёд мебошад. Шумораи умумии ҳамёнҳои электронӣ ба 17,7 млн адад баробар гардида, нисбат ба ҳамин санаи соли қаблӣ 46,4 фоиз афзоиш ёфтааст. Дар соли 2025 ташкилотҳои қарзии молиявӣ барои бо пули нақд таъмин кардани дорандагони кортҳои пардохтии бонкӣ 3 453 адад бонкомат ва 4 991 адад терминали электронӣ дар нуқтаҳои пешниҳоди пули нақд (НППН) насб намуданд. Нишондиҳандаҳои мазкур нисбат ба интиҳои соли 2024 мувофиқан 14,9 фоиз ва 30,8 фоиз зиёд мебошанд. Илова ба ин, барои анҷом додани пардохтҳои ғайринақдӣ ба санаи ҳисоботӣ дар муассисаҳои савдо ва хизматрасонӣ 9 017 POS-терминал насб карда шуд, ки нисбат ба соли 2024 теъдоди онҳо 10,8 фоиз зиёд мебошад. Инчунин, дар муассисаҳои савдо ва хизматрасонӣ 28 762 QR–рамзи ягона насб карда шудааст, ки дар муқоиса бо охири соли 2024-ум 44,4 фоиз зиёд мебошад. Шумораи терминалҳои худкори худхизматрасон ба санаи ҳисоботӣ ба 7 330 адад баробар гардид.

Ҳамзамон, бо истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ (кортҳои пардохтии бонкӣ ва ҳамёнҳои электронӣ) 136,0 млн амалиёти ғайринақдӣ ба маблағи 42,4 млрд сомонӣ гузаронида шудааст, ки ин нишондиҳандаҳо нисбат ба соли 2024 аз рӯи шумора 47,1 фоиз ва аз рӯи ҳаҷми амалиёти гузаронидашуда 39,8 фоиз афзоиш ёфтаанд. Таносуби ҳаҷми амалиётҳои гирифтани пули нақд ва амалиётҳои ғайринақдӣ 70,6 фоиз ба 29,4 фоизро ташкил дода, нисбат ба соли қаблӣ ҳиссаи амалиётҳои пардохти ғайринақдӣ 3,2 банди фоизӣ зиёд гардид.

Зикр гардид, ки ба санаи 31-уми декабри соли 2025 дар ҷумҳурӣ 16 ташкилоти суғуртавӣ, аз ҷумла 1 ташкилоти суғуртавии давлатӣ ва 15 ташкилоти суғуртавии ғайридавлатӣ бо 66 филиал ба аҳолии ҷумҳурӣ хизматрасониҳои суғуртавиро пешниҳод намуданд. Натиҷаи ҷамъбасти фаъолияти низоми суғуртаи кишвар дар соли 2025 нишон дод, ки нишондиҳандаҳои асосии соҳа раванди афзоишёбӣ доштанд. Аз ҷумла дороиҳои низом нисбат ба соли қаблӣ 26,6 фоиз, сармоя 28,8 фоиз, сармояи оинномавӣ 6,9 фоиз, захираҳои суғуртавӣ 37,8 фоиз, пардохту ҷубронҳои суғуртавӣ 2,1 маротиба, сармоягузориҳо 2,3 фоиз, пасандозҳо дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ 12,1 фоиз ва андозҳои пардохтшуда 29,6 фоиз зиёд гардиданд. Зимнан қайд гардид, ки Бонки миллии Тоҷикистон бо ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ ҳамкории судманд ба роҳ монда, дар натиҷаи андешидани тадбирҳои зарурӣ дар соли 2025 ба низоми бонкии кишвар ба маблағи 6,01 млрд доллари ИМА сармояи хориҷӣ (қарз, сармоягузориҳои мустақим ва дигар намудҳои сармоягузорӣ) ҷалб карда шудааст, ки нисбат ба соли қаблӣ 43,4 фоиз зиёд мебошад.

Дар қисмати дуюми нишасти матбуотӣ намояндагони воситаҳои ахбори омма ба саволҳо оид ба Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026, сохтори захираҳои байналмилалӣ, ҳаҷми пулҳои захиравӣ, чораҳои оид ба пешгирии ҳолатҳои қаллобӣ, асъори рақамӣ ва дороиҳои маҷозӣ, баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявӣ, фурӯши сабикаҳои ченакии тилоии БМТ, тағйирёбии қурби асъор, чораҳо оид ба пешгирии таҳримҳо нисбати бонкҳои кишвар, қарзҳои ипотекӣ, тамдиди муҳлати Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф бинобар қонунигардонии дороиҳо ва маблағҳои шахрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон», биткоин-криптоасъор, фоизи қарзҳо дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва дигар масъалаҳои муҳими низоми бонкӣ посухҳои мушаххас гирифтанд.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода дар ҷамъбасти нишаст ба намояндагони воситаҳои ахбори омма барои ҳамкории судманд, инъикоси воқеъбинонаи фаъолияти низоми бонкӣ изҳори сипос намуд ва барои боз ҳам вусъат бахшидани ҳамкориҳои самарабахш омодагии хешро баён дошт.

Шуъбаи матбуоти БМТ

СОЛИ 2025 БАРОИ ХАТЛОН ПУРБАРАКАТ БУД

(Аввалаш дар саҳ. 2)

Ҳиссаи вилоят дар истеҳсоли маҷмуи маҳсулоти кишоварзии ҷумҳурӣ 53,4 фоизро ташкил медиҳад. Дар ҳамаи бахшҳои хоҷагидории вилоят дар майдони 417,3 ҳазор гектар кишти асосии зироатҳои кишоварзӣ ва дар майдони 127,8 ҳазор гектар кишти такрорӣ гузаронида шудааст. Инчунин дар соли сипаришуда дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории вилоят 1,1 миллион тонна ғалладонагиҳо, 2,1 миллион тонна сабзавот, 1,5 миллион тонна полезӣ, 232,6 ҳазор тонна картошка, 450,2 ҳазор тонна меваҷот, 158,6 ҳазор тонна ангур, 273,1 ҳазор тонна гӯшт, 609,5 ҳазор тонна шир, 182,1 миллион дона тухм, 1200 тонна асал ва 3600 тонна моҳӣ истеҳсол карда шуда, суръати рушди истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ аз 100,8 то 157,5 фоиз таъмин гардид.

Тибқи маълумоти омори электронӣ, 260 ҳазор тонна пахта ба корхонаҳои калони коркарди пахта супорида шудааст, ки нисбат ба соли 2024-ум 95 ҳазор тонна ё 157,5 фоиз зиёд мебошад. Дар натиҷа, аз ҳаҷми умумии пахтаи ба корхонаҳо супоридашуда 91,1 ҳазор тонна нахи пахта истеҳсол гардидааст.

Ҷиҳати таъминоти бозори истеъмолӣ бо маҳсулоти ватанӣ соли 2025 дар майдони 2495,7 гектар гармхонаҳои доимӣ ва мавсимӣ кишти сабзавотҳо гузаронида шуда, аз ин ҳисоб 75,2 ҳазор тонна сабзавот, аз ҷумла 24,5 ҳазор тонна помидор, 21,0 ҳазор бодиринг ва 29,5 ҳазор тонна дигар сабзавот истеҳсол карда шудааст.

Соли 2025 дар майдони 54,1 гектар боғу токзорҳои нав бунёд ва 138 гектар боғу токзорҳо баркарор гардид.

Ба ҳолати 1-уми январи соли 2026 дар ҳамаи бахшҳои хоҷагидории вилоят 1,2 миллион сар чорвои калон, аз ҷумла 657,3 ҳазор сар модагов, 3,1 миллион сар гӯсфанду буз, 67 ҳазор сар асп, 2,7 миллион сар паранда, 70 ҳазор оилаи занбӯри асал ва 74 ҳазор сар харгӯш парвариш ёфта истодаанд, ки дар ин давра саршумори чорвои калон 45,2 ҳазор сар, аз ҷумла гови ширдеҳ 29,4 ҳазор сар, гӯсфанду буз 155 ҳазор сар, паранда 148 ҳазор сар, харгӯш 18 ҳазор сар, асп 3,3 ҳазор сар ва занбӯри асал 2023 оила зиёд шудааст.

САНОАТ

Соли 2025 дар вилоят ба маблағи 13,9 миллиард сомонӣ маҳсулоти саноатӣ истеҳсол шуд, ки нисбат ба соли 2024-ум 1,9 миллиард сомонӣ зиёд буда, суръати рушди он 111,1 фоизро ташкил дод. Рушди соҳаи саноат аз ҳисоби 108 фоиз афзоиш ёфтани истеҳсол ва тақсимоти нерӯи барқ, 109,1 фоиз саноати коркард, 114,6 фоиз саноати истихроҷ ва 111,4 фоиз аз ҳисоби дигар соҳаҳо таъмин шудааст. Дар ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ҳиссаи саноати истихроҷ 6,1 фоиз, саноати коркард 55,3 фоиз ва соҳаи таъминоти нерӯи барқ 38 фоизро ташкил медиҳад, ки хусусияти хоси сохтори саноати вилоятро инъикос менамояд.



Дар соли 2025 истеҳсоли семент 3086,4 ҳазор тонна (115,5%), гӯшти мурғ 3,1 ҳазор тонна (108,3%), карбамид 40,8 ҳазор тонна (127,2%), нахи пахта 91,2 ҳазор тонна (122,5%), чигит 125,1 ҳазор тонна (116%), ресмони пахтагин 15,2 ҳазор тонна (104,1%) зиёд таъмин гардидаанд.

Дар соли сипаришуда аз ҷониби соҳибкорон 85 корхона бо таъсиси зиёда аз 2710 ҷойи нави корӣ мавриди истифода қарор дода шуда, шумораи умумии корхонаҳои саноатӣ дар вилоят ба 912 адад расид.

НАҚЛИЁТ ВА РОҲ

Ҳаҷми боркашонӣ дар соли 2025 ба 56,1 миллион тонна (117,4%) ва мусофиркашонӣ ба 246 миллион нафар (114,5) баробар гардид, ки нисбат ба соли 2024 мутаносибан 8,2 миллион тонна ва 2,2 миллион нафар зиёд мебошад.

Дар миқёси шаҳру ноҳияҳои вилоят 2750 километр роҳҳои маҳаллӣ ва 159 адад пулу қубурҳо бо маблағи умумии 424 миллион сомонӣ таъмир гардида, ҳаҷми корҳои ичрошуда нисбат ба соли 2024-ум 166 фоизро ташкил медиҳад.

СОХТМОН

Дар соли 2025 аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ ба соҳаи сохтмон дар ҳаҷми 4 миллиард сомонӣ маблағҳо равона карда шудааст, ки афзоиши он нисбат ба соли 2024-ум 112,1 фоизро ташкил медиҳад.

Дар ин давра корҳои сохтмону васлкунӣ ба маблағи 3,4 млрд сомонӣ ичро гардида, ба маблағи 2,5 млрд сомонӣ фондҳои асосӣ ба истифода дода шудааст.

МАОРИФ

Дар 1403 адад муассисаҳои таълимии вилоят 942709 нафар хонандагон, аз он ҷумла 458058 нафар духтарон дар соли хониши 2025-2026 ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.

Шумораи умумии омӯзгорон 50445 нафар, аз он ҷумла занон 31040 нафар аст. Дар ин давра теъдоди омӯзгорон 2182 нафар, аз ҷумла занон 1427 нафар зиёд шудааст. Нисбати ҳамин давраи соли 2024 дар муассисаҳои таълимӣ хонандагон 42111 нафар, аз ҷумла духтарон 21806 нафар ва дар муассисаҳои томактабӣ шумораи кӯдакон 18570 нафар зиёд шудааст.



Дар соли таҳсили 2025-2026 муассисаҳои томактабии вилоят ба 183 адад расида, дар онҳо 26078 нафар кӯдак ва 1304 марказҳои инкишофи кӯдак бо фарогирии 112154 нафар (дар 4015 гурӯҳ), дар маҷмуъ 138232 нафар кӯдакон дар ин зинаи таҳсилот фаро гирифта шудаанд, ки 33,2%-ро ташкил медиҳад. Фарогирии кӯдакони аз 3 то 6-сола дар муассисаҳои таълимии томактабӣ ва маркази инкишофи кӯдакон аз 24%-и соли гузашта ба 33,2 % расонида шуд.

Шумораи довталабони вилоят дар озмуни ҷумҳуриявии “Фурӯғи субҳи доной китоб аст” нисбат ба соли 2024 зиёд гардида, 28 нафар (31%-и иштирокчиён) соҳиби 2 Шоҳҷоиза, 3 ҷойи якум, 6 ҷойи дуюм ва 17 ҷойи сеюм гардиданд. Довталабони вилоят соли 2025 аз даври ниҳоии Озмуни ҷумҳуриявии «Илм - фурӯғи маърифат» соҳиби 20 ҷой, аз ҷумла 3 ҷойи якум, 6 ҷойи дуюм ва 11 ҷойи сеюм гардиданд. Ҳамзамон нишондодҳои иштирокчиёни даври ниҳоии Озмуни ҷумҳуриявии «Тоҷикистон ватани азизи ман» миёни наврасону ҷавонони боистеъдоду лаёқатманд ба 18 ҷойҳои ифтихорӣ - 1 ҷойи якум, 5 ҷойи дуюм ва 12 ҷойи сеюм баробар гардид. Вобаста ба дастгирии ташаббуси баргузории озмунҳои ҷумҳуриявӣ ғолибони даври вилоятии озмунҳо бо дастгирии маҷомоти ичроияи ҳокимияти давлатии вилоят ба маблағи 1572,8 ҳазор сомонӣ ҳавасманд гардонида шуданд.

Соли 2025 ба 70 нафар хонандагони аълохони муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои вилоят, ба 60 нафар донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ ва ба 60 нафар олимони эҷодкор дар маҷмуъ ба маблағи 420 ҳазор сомонӣ стипендияи раиси вилоят пардохт карда шуд. Ҳамзамон, 27 нафар хаткунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии вилоят, ки муассисаро бо аттестати аълои универсалӣ ва равиявӣ хатм намуда, дар маҷмуъ ба маблағи 400 ҳазор сомонӣ қадрдонӣ шуданд.



ТАНДУРУСТӢ

Дар вилоят 1816 адад муассисаҳои муолиҷавию профилактикӣ фаъолият доранд. Аз ҷумла 1255 адад муассисаҳои шабакаи кумаки аввалияи тиббию санитарӣ, 116 муассисаҳои беморхонавӣ ва 3 беморхонаи ҷумҳуриявӣ.

Бо мақсади муҷаҳҳазнамоии муассисаҳои соҳа бо технологияҳои тиббии замонавӣ бо маблағгузории маҷомоти ичроияи ҳокимияти давлатӣ аз ҳисоби маблағҳои маҳаллӣ ва махсус 24,7 млн сомонӣ, аз ҳисоби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 23,7 млн сомонӣ бо таҷҳизоти тиббии муосир таъмин гардиданд.

ФАРҲАНГ

Дар вилояти Хатлон 492 адад китобхонаҳо, аз ҷумла 3 адад китобхонаи вилоятӣ, 25 адад китобхонаи марказӣ, 25 адад китобхона-филиали шаҳрӣ, 413 адад китобхона-филиали деҳотӣ ва 26 адад китобхонаи бачагона бо хазинаи умумии 2578701 нусха, ки аз он 969473 нусха ба забони тоҷикӣ, 1377172 нусха ба забони русӣ ва 232056 нусха ба дигар забонҳо аст, ба аҳолӣ хизмати китобӣ мерасонанд.

Шумораи умумии осорхонаҳо 18 ададро ташкил намуда, дар онҳо 34866 адад нигораҳо маҳфуз мебошанд. Дар ҳудуди вилояти Хатлон 940 адад ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ, аз ҷумла: 619 адад ёдгориҳои бостонӣ, 96 адад ёдгориҳои меъморӣ ва 225 адад ёдгориҳои монументалӣ арзи вуҷуд доранд.

Дар 29 адад мактабҳои санъати бачагонаи шаҳру ноҳияҳои вилоят дар ин давра шумораи омӯзгор 445 нафар ва фарогирии хонанда 4801 нафарро ташкил дода, нисбати ҳамин давраи соли гузашта 31 нафар омӯзгор ва 195 нафар хонанда зиёд ба қайд гирифта шуданд.

ҶАВОНОН ВА ВАРЗИШ

Дар вилоят майдончаҳои варзишӣ 3243 адад, толори варзишӣ 587 адад, варзишгоҳ 42 адад, ҳавзҳои шиноварӣ 40 адад, маҷмааи варзишӣ 13 адад ва иншооти махсуси варзишӣ (фитнес, тир ва ғайра) 246 адад фаъолият доранд.

Варзишгарони вилоят дар 127 мусобиқаҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ ширкат варзида, сазовори 3706 медал, аз ҷумла 1264 медали тило, 1115 медали нукра, 1327 медали биринҷӣ гардиданд, ки нисбати ҳамин давраи соли 2024-ум 41 медал зиёд мебошад.

РУШДИ СОҲАИ САЙЁҲӢ

Дар ҳудуди вилоят 940 ёдгориҳою мавзеъҳои таърихӣ-фарҳангӣ, бостонӣ ва монументалӣ, 125 меҳмонхона, 156 мавзеъҳои сайёҳӣ, 270 истироҳатгоҳу осоишгоҳҳо, 143 тарабхона, 46 осорхонаҳо, 18 ширкатҳои сайёҳӣ, 128 чойхона, 371 банкоматҳои хизматрасониҳои бонкӣ, 50 ҳомстей ва гестхаусҳо, 78 мағозаи фурӯши армуғонҳо, 115 зиёратгоҳҳо, 48 боғҳои фарҳангӣ-фароғатӣ ва гулгаштҳо, 80 ишораҳои сарироҳӣ ва 26 нуқтаҳои иттилоотии сайёҳӣ мавҷуд мебошанд, ки ҳамарӯза ба сайёҳон хизмат мерасонанд.

Тибқи маълумотҳои масъулони шаҳру ноҳияҳо, ба вилояти Хатлон дар соли 2025 дар умум 1647593 нафар сайёҳони дохилию хориҷӣ ташриф овардаанд.



ШЕЪРИ ФАРЗОНА ДАР «АЛ-АЗҲАР»

Чӣ муҳаққиқи арабро шефтаи шеъри шоири тоҷик кард?

БОРИ АВВАЛ ДАР ҶАҲОНИ АРАБ ДОИР БА АДАБИЁТИ МУОСИРИ ТОҶИК ТАҲҚИҚОТИ ИЛМӢ АНҶОМ ДОДА ШУД. МУҲАҚҚИҚИ АРАБ АСМОА АҲМАД РИСОЛАИ ДОКТОРИИ ХУДРО ДОИР БА ҒАЗАЛИЁТИ ФАРЗОНАИ ХУҶАНДӢ ДАР ЯКЕ АЗ ҚАДИМТАРИН ВА БОНУФУЗТАРИН ДОНИШГОҲҲОИ ҶАҲОН - ДОНИШГОҲИ АЛ-АЗҲАРИ КИШВАРИ МИСР ДИФОЪ КАРД. МО БО ХОНУМ АСМОА АҲМАД ДАР ТАМОС ШУДЕМ ВА БО Ӯ СУҲБАТЕ АНҶОМ ДОДЕМ, КИ ФИШУРДАИ ОН МАНЗУРИ ШУМО МЕШАВАД.



- Хонум Асмоа Аҳмад, нахуст ба хонандагони мо дар бораи худатон маълумот диҳед.

- Банда Асмоа Аҳмад Муҳаммад Атия ҳастам. Хатмкардаи бахши забон ва адабиёти форсии Факултаи илмҳои гуманитарии Донишгоҳи Ал-Азҳар мебошам. Соли 2018 магистратураи донишгоҳро бо мадраки аъло хатм кардам. Чун дар замони таҳсил дар гурӯҳи худ аввал будам, маро соли 2021 ҳамчун муаллимаи ёрдамчӣ дар кафедраи забон ва адабиёти форсӣ ба кор пазируфтанд. Инак, дараҷаи докторӣ гирифтам. Мавзуи рисолаи доктории банда «Ғазали муосири форсӣ дар Тоҷикистон. Дар мисоли ғазалиёти Фарзонаи Хуҷандӣ. Таҳлили амалӣ» ном дорад. Дар бораи худам илова мекунам, ки аҳли шаҳри Қоҳира, пойтахти Ҷумҳурии Миср ҳастам. Оиладор ва соҳиби як духтар.

- Ба адабиёти форсӣ аз кай таваҷҷуҳ пайдо кардед ва чаро маҳз адабиёти Тоҷикистонро мавзуи таҳқиқоти хеш қарор додед?

- Ман ба забону адабиёти форсӣ аз замони таҳсил алоқаманд доштам, осори Ҳофиз, Саъдӣ, Умари Хайём ва дигар шуарои бузургро мехондам. Пас аз пазируфта шуданам ба кор дар донишгоҳ таваҷҷуҳам ба адабиёти форсӣ бештар шуд ва намунаи зиёде аз осори адибони пешини имрӯзро барои донишҷӯён тарҷума ҳам кардаам. Баъдан, бо адабиёти форсии тоҷикӣ ошно шудам ва ба он алоқаманд гардидам. Адабиёти тоҷик воқеан як адабиёти арзишманд аст, ки кам муаррифӣ шудааст ва дар мо ба таври кофӣ омӯхта нашудааст. Бинобар ин, банда адабиёти муосири тоҷикро ҳамчун мавзуи таҳқиқоти хеш қарор додам. Зеро он дорои мавзуҳои инсонӣ ва миллӣ мебошад. Миллати тоҷик ҳамеша барои ҳифзи худшиносӣ, ҳифзи ватан ва нигоҳдории арзишҳои ахлоқии худ мубориза мебурд ва ҳамаи ин равандҳо равшан дар осори адабӣ инъикос ёфтаанд, аз ҷумла дар шеърҳои шоирон чун Мирзо Турсунзода, Муъмин Қаноат, Бозор Собир, Лоиқ Шералӣ, Гулрухсор ва Фарзонаи Хуҷандӣ. Ҳамчунин, дар осори нависандагоне мисли Садриддин Айнӣ, Ҷалол Икромӣ ва дигарон.

- Бо эҷодиёти Фарзонаи Хуҷандӣ бори нахуст кай ошноӣ пайдо намудед?

- Ман бо эҷодиёти Фарзонаи Хуҷандӣ ҳангоми таҳсил ошно шудам. Ашъори эшон бо воқеъбинӣ, баёни ҳувияти миллӣ ва арзишҳои инсонӣ ва ахлоқӣ фарқ мекунанд. Фарзона яке аз муҳимтарин овозҳои занона дар адабиёти муосири форсизабон ба шумор меравад. Ӯ дар сохтор ва маънои ғазали форсӣ навоварӣ кардааст ва шеъреро пешниҳоди мо намудааст, ки ҳамзамон дорои вижагиҳои суннатӣ ва муосир мебошад.

- Ба назари шумо эҷодиёти Фарзонаи Хуҷандӣ чӣ махсусиятҳо дорад?

- Эҷодиёти ӯ майдони ҳосилхезе барои омӯзиши шеъри муосири форсӣ, махсусан ғазали форсӣ дар шакли муосири он ба шумор меравад. Шеъри Фарзона бо забони софу шаффоф, тасвирҳои навоварона ва мазмунҳое, ки ишқ, озодӣ, худшиносӣ, ҳувият ва рӯйоварӣ ба арзишҳои инсониро ба ҳам омезиш медиҳанд, фарқ мекунад. Ғазал яке аз маъруфтарин қолабҳои ашъори Фарзонаи Хуҷандӣ мебошад, ки дар он омезиши сабкҳои хуросонӣ ва ҳиндӣ, мазмунҳои ахлоқӣ ва равонӣ, инчунин ҳувияти миллӣ, худшиносӣ ва муҳаббат ба Ватан инъикос шудааст.

- Оё боре ба Тоҷикистон сафар доштед ва бо Фарзонаи Хуҷандӣ шинос ҳастед?

- Ман то ҳол ба Тоҷикистон сафар накардаам, аммо орзу дорам, ки дар ояндаи наздик онро зиёрат кунам. Бо хонум Фарзона ҳам шиносоии шахсӣ надорам, аммо бо духтаронашон тариқи интернет гуфтугӯ доштам.

- Рисолаи илмии худатонро ба мо муаррифӣ кунед. Он ба кадом забон навишта шудааст ва кадом мавзуҳоро дар бар мегирад?

- Рисолаи доктории ман, тавре ишора шуд, «Ғазали муосири форсӣ дар Тоҷикистон. Дар мисоли ғазалиёти Фарзонаи Хуҷандӣ. Таҳлили амалӣ» ном дорад. Рисола зери роҳбарии профессор, доктор Абдулҳоҳ, устоди забон ва адабиёти форсӣ ва мудири кафедраи забон ва адабиёти форсӣ ва профессор, доктор Абдулъазим Муҳаммад, устоди забон ва адабиёти форсӣ дар факултет (роҳбари муштарак) ба анҷом расид. Рисола аз се боб иборат аст. Боби аввали он «Даврони шоир ва муҳити ӯ (1964 м.)» ном дорад, ки он ба се фасл тақсим шудааст: Фасли якум: «Ҳаёти сиёсӣ дар Тоҷикистон дар асри ХХ»; Фасли дуюм: «Ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар Тоҷикистон дар асри ХХ»; Фасли сеюм: «Зиндагии шоир, муҳит ва ҷойгоҳи адабии ӯ». Боби дуюми рисолаи банда «Шеъри муосири тоҷик ва марҳилаҳои рушди он» ном дорад. Боби сеюм «Ғазалиёти Фарзонаи Хуҷандӣ» ном дорад. Он низ аз се фасл иборат мебошад: Фасли аввал: «Масоили иҷтимоӣ ва инсонӣ дар ғазалҳои Фарзонаи Хуҷандӣ»; Фасли дувум: «Равияи ахлоқӣ дар ғазалҳои Фарзонаи Хуҷандӣ»; Фасли сеюм: «Таҳлили ҳунарӣ ва бадеии ғазалҳои Фарзонаи Хуҷандӣ». Дар ин рисола банда кӯшиш кардам, ки дар бораи адабиёти муосири Тоҷикистон, марҳилаҳои рушди он ва эҷодиёти яке аз чеҳраҳои барҷаста ва таъсиргузори он изҳори назар намоям. Рисола ба забони арабӣ таҳия шудааст ва дар оянда ба шакли китоб нашр хоҳад шуд.

- Дар бораи Донишгоҳи “Ал-Азҳар” ва бахши забон ва адабиёти форсии он маълумот диҳед.

- Донишгоҳи “Ал-Азҳар соли 972-и милодӣ (361-и ҳичрӣ) дар шаҳри Қоҳира аз ҷониби Фотимиён ҳамчун масҷид барои ибодат таъсис ёфт, сипас, ба донишгоҳе табдил ёфт, ки илмҳои гуногунро тадрис мекунад. “Ал-Азҳар” сеюмин донишгоҳи қадимтарин дар ҷаҳон шинохта мешавад. Фаъолияти донишгоҳ танҳо бо илмҳои шаръӣ маҳдуд нашуда, дар он факултаҳои тиб, муҳандисӣ, илмҳои дақиқ, дорусозӣ, тиҷорат, забонҳо, омӯзиш ва тарбия (педагогика) ва ғайра низ тадрис мешавад. Дар донишгоҳ, тавре ишора кардам, бахши забон ва адабиёти форсӣ амал мекунад. Ҳамчунин, дар донишгоҳи мо донишҷӯён аз Ҷумҳурии Тоҷикистон низ таҳсил мекунанд.



- Дар кафедраи забон ва адабиёти форсӣ дар Донишгоҳи Ал-Азҳар кадом марҳилаҳои адабиёти тоҷик тадрис мешаванд ва донишҷӯён кадом осори нависандагони муосири тоҷикро мехонанд?

- Ҳамаи марҳилаҳои адабиёти форсии тоҷикӣ тадрис мешаванд.

Аммо адабиёти муосири тоҷик бештар омӯхта мешавад ва таваҷҷуҳи бештар ба он равона мегардад. Осори адибони муосири тоҷик – Садриддин Айнӣ, Ҷалол Икромӣ, Мирсаид Миршакар, Мирзо Турсунзода, Муъмин Қаноат, Бозор Собир, Лоиқ Шералӣ, Фарзонаи Хуҷандӣ ва дигарон тадрис мешавад. Ҳамчунин, дар донишгоҳ омӯзиши адабиёти муосири тоҷик оғоз шуда, муҳаққиқоне ҳастанд, ки адабиёти тоҷикро ба ҳайси мавзуи пажӯҳиш қарор додаанд.

Мусоҳиб:
Одил НОЗИР

АЗ ОДАМИ ХУБ БОҒ МОНАД...

"Рафтори нек мева, пиндори нек реша ва дили нек боғ аст".
Ҳенри У. Лонгфеллоу

ПАС АЗ ШИНОСОӢ БО ҲАЁТ ВА ФАЪОЛИЯТИ ҲАМЗА МИРСОБИТОВИЧ МИРОҚИЛОВ КАС ФИКР МЕКУНАД, КИ ГЎЁ ИН ГУФТОР МАҲЗ БА Ӯ БАХШИДА ШУДААСТ. ИМРЎЗ САМАРАИ МЕҲНАТИ Ӯ ДАР ҲАЗОРҲО ГЕКТАР БОҒУ ПОЛЕЗ МЕРЎЯД ВА ХОНИ МАРДУМРО ОРО МЕДИҲАД.



ИМТИҲОНИ КАСБИЯТ

Июли соли 1988. Дар водии Вахш гармои тоқатфарсо хукмрон буд...

Комиссия кишти навъҳои нави зироатҳоро тафтиш мекард. Муовини раиси Комиссияи давлатии СССР оид ба навъсанҷӣ Юрий Алексеевич Роговский, ки сахтгириву серталабиаш вирди забонҳо буд, шахсан шумораи растаниҳоро дар майдони пахта ҳисоб мекард: 132 ниҳол. Ӯ ин шумороро бо сабт дар дафтари саҳроӣ муқоиса кард: дар дафтар ҳам 132 ниҳол навишта шуда буд!

"Аҷабо, магар ин имконпазир аст?" - Юрий Алексеевич ҳайрон шуд. Санҷишро дар майдонҳои ҷуворимакка ва сорго идома доданд ва ниҳолҳоро як-як шумориданд. Боз ҳамон натиҷа.

"Дар тўли таҷрибаи 35-солаи кориам бори аввал мебинам, ки шумораи растаниҳо дар дафтар бо шумораи воқеии онҳо баробар бошад ",- иқрор шуд Роговский.

Сафаралӣ Орипов - номзади илмҳои кишоварзӣ, раиси Ассотсиатсияи агробизнес дар вилояти Хатлон, ҳамкор ва шогирди Ҳамза Мироқилов, вақте ин қиссаро ба хотир овард, бо табассум гуфт: "Дар бораи он, ки Ҳамза Мироқилов чӣ гуна навъшиноси варзида ва устои касби худ буд ва чӣ гуна саҳми бузурге дар рушди бахши кишоварзии Тоҷикистон гузошт, метавонам соатҳо нақл кунам. Бисёре аз маҳсулоти кишоварзӣ, ки ҳоло дастархони мардуми моро оро медиҳанд, самараи меҳнати поквичдононаи устод аст".

МЕРОСИ ПАДАР ХОҲӢ, ИЛМИ ПАДАР ОМЎЗ

Ҳанӯз дар замони худ бобобузурги Ҳамза Мирсобитович аввалин корхонаи коркарди пахтаро дар Осиёи Марказӣ дар шаҳри Қўқанд таъсис дода буд. Падараш Мирсобит Мироқилов соли 1931 барои рушди тухмипарварии пахта ба Тоҷикистон фиристода шуд ва меҳнати шоёнаш дар рушди соҳаи кишоварзӣ бо унвони "Агрономи хизматнишондодаи ҶШС Тоҷикистон" сарфароз гардонида шуда буд.

Ҳамза Мироқилов 15-уми феврали соли 1936 таваллуд шуда, аз хурдӣ мисли падараш ба сабзавоту полез ва илмҳои кишоварзӣ меҳр дошт. Волидонаш Мирсобит ва Муҳарама Мироқиловҳо кўшиш мекарданд, ки фарзандонашон - Ҳамза, Муаззама ва Валихонро дар рўҳияи меҳнатдўстиву ватанпарварӣ ва илму маърифатпарастӣ тарбия кунанд.

"Падари мо ҳамеша таъкид мекард: "Бо одамон ҳамон тавре рафтор кунед, ки мехоҳед нисбати худи шумо дошта бошанд!",- ба ёд меорад Валихон Мироқилов - додари Ҳамза Мироқилов. "Модари мо бонуи хушсавод буд, дар гимназияи русӣ таҳсил карда забонҳои лотинӣ ва русиро медонист. Вай хеле ростқавл ва принсипнок буд, аз ин ҷиҳат ӯ ва падарам ба ҳам хеле монанд буданд".

Росткорӣ, меҳнатдўстӣ ва муҳаббат ба илм хислатҳое мебошанд, ки фарзандон Ҳамза, Муаззама ва Валихон аз волидонашон мерос гирифтаанд. Муаззама Мирсобитовна профессор, доктори илмҳои тиб ва Корманди шоистаи тандурустии кишвар буда, яке аз асосгузорони гематологияи кўдакона дар Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Додари ӯ Валихон Мироқилов доктори илмҳои технологӣ мебошад ва чун декани Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ва Маркази лоиҳакашӣ - конструктории Вазорати саноати сабук дар рушди соҳаи саноат ва маориф саҳми назаррас гузоштааст. Фарзандон ва наберагони ҳар се бародару хоҳар дар соҳаҳои гуногун, аз тиб то иқтисод, бомуваффақият фаъолият мебаранд.

НАБОЯД БА ХАТО РОҲ ДОД!

Пас аз хатми Донишкадаи кишоварзии Тоҷикистон дар соли 1961 Ҳамза Мироқилов фаъолияти илмии худро дар Пажўҳишгоҳи заминдорӣ оғоз карда, то соли 1968 бо таҳқиқоти кишоварзӣ машғул мешавад. Дар ҳамин давра, аз соли 1966 то 1968, ӯ тахассуси худро дар аспирантураи Маркази илмии Русия оид ба истеҳсоли хўроки чорво ва агроэкологияи ба номи В. Р. Вилямс такмил медиҳад. Аз соли 1968 то 1997 Ҳамза Мироқилов дар Комиссияи давлатӣ оид ба навъсанҷии рустаниҳои кишоварзии Вазорати хоҷагии қишлоқи ИҶШС оид ба ҶШС Тоҷикистонро роҳбарӣ мекунад. Ӯ дар байни ҳамкасбонаш, ки намояндагони миллатҳои гуногун буданд, чун инсони комил ва мутахассиси баландихтисос обрўю эҳтироми хос ба даст меорад. Саҳми ӯ дар рушди навъсанҷии кишвар он қадар бузург буд, ки мегуфтанд: "Мактаби навъсанҷии Ҳамза Мироқилов дар саросари Иттиҳоди Шуравӣ пуриқтидор ва беҳамто аст!".

Касбияти баланди Ҳамза Мироқиловро ҳамчун селексионер ва навъсанҷ худи Макар Аркадевич Федин - раиси Комиссияи давлатии СССР оид ба навсанҷӣ тасдиқ мекунад, ки дар вохўриҳо дар Маскав пайваста таъкид мекард: «Агар хоҳед, ки дар санҷиш ва интихоби навъҳо натиҷаи назаррас ба даст оред, ба Тоҷикистон равед ва аз Ҳамза Мирсобитович омўзед!».

Ҳамза Мироқилов рўйхати навъҳои зироатҳои кишоварзиро, ки дар минтақаҳои Тоҷикистон дар солҳои 1974-1984 маъмул буданд, тартиб додааст. Таҳти роҳбарии ӯ дар саросари ҷумҳурӣ 104 истгоҳи навъсанҷӣ таъсис меёбад. Барои такмил додани усулҳои интихоби ангур, мева, пахта ва зироатҳои ғалладона таҳқиқот гузаронида шуда, ба афзоиши ҳосилнокии онҳо дар шароити саҳроӣ, тезонидани ҷараёни навъсанҷӣ, бехтар кардани таҳлили кимиёвӣ-технологӣ дар лабораторияҳои кишварҳои ИДМ ва эҷоди навъҳои баландсифат ва серҳосил, ки ба шароити минтақавӣ мутобиқ карда шудаанд, мусоидат мекунанд. Масалан, навъҳои ҷав «Вахш-110», «Вахш-34», «Тоҷикӣ-60», ҷавдор «Вахш-116», навъи ҷави баҳорӣ «Ифтихор-86» ба шароити маҳал мусоид шуда, байни аҳолии деҳоти ҷумҳурӣ маъруфият пайдо карданд. Илова бар ин, навъҳои зерини пахта ва дигар зироатҳо дар рушди истеҳсолоти ҷумҳурӣ нақши муҳими стратегӣ доштанд: 9326-В, 6249-В ва 6465-В; навъҳои гандуми Шарора, Наврўз, Ватан, Муқтадир, Нута-зимистонӣ, Маша-Тоҷикӣ-1 ва Тоҷикӣ-2; навъи ҷуворимаккаи Шуҳрат; юнучқаи Вахш-300; пиёзи пешпапазак; ангури навъи Анзоб; пешпазаки Ҳисор ва ғ. Ҳамза Мироқилов инчунин узви Шурои илмӣ-методии селексионерҳо дар Тошканд ва Самарқанд буд. Ӯ инчунин яке аз муаллифони асосии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба дастовардҳои селексионӣ ва ҳимояи навъҳо", ки 4-уми ноябри соли 1995 қабул шуда буд, ба ҳисоб меравад.



НОДИДА РАНҶ ГАНҶ МУЯССАР НАМЕШАВАД

Ҳамза Мироқилов зимни фаъолияташ ба ҳайси ёвари вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1998-2000 низ ба мустаҳкам кардани заминаи меъёрию ҳуқуқии соҳаи кишоварзӣ, таҳияи барномаҳо, муаррифии Тоҷикистон дар саҳнаи байналмилалӣ ва тарбияи шогирдон аҳамияти хоса додааст. Муовини якуми вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон Нуралӣ Асозода, ки яке аз дастпарварони Ҳамза Мироқилов аст, устоди худро бо некӣ ба ёд меорад:

"Бо вуҷуди ин қадар серкорӣ устод ҳамеша барои мутахассисони ҷавон вақт меёфтанд. Ҳар вақт бо масъалае ба утоқи кориашон равем, бо меҳрубонӣ қабул мекарданд, маслиҳату машварат медоданд, рўи мизашон доимо ширинӣ буд, ҳатман чой рехта дода, "ширинӣ гиред" мегуфтанд".

Аз соли 2001 то 2019 Ҳамза Мироқилов ҳамчун корманди илмӣ дар Институти физиология ва ботаникаи Академияи илмҳои Тоҷикистон фаъолона корҳои тадқиқотии худро идома медиҳад. Илова бар корҳои амалӣ, ӯ муаллифи мақолаҳои илмӣ низ буд, ки дар дохил ва хориҷи кишвар чоп шудаанд.

Барои меҳнати софдилона ва саҳми назаррасаш дар рушди соҳаи кишоварзӣ Ҳамза Мироқилов бо як қатор мукофотҳо мушарраф гардидааст, аз ҷумла: се медали нукраи КХХ ИҶШС (1972, 1974, 1987), Медали Ғолиби мусобиқаи Сотсиалистӣ (1973), Медали "Барои хизмати шоиста" (1976), Медали "Собиқадори меҳнат" (1989), Ордени Дўстии Халқҳо (1988). Ғайр аз ин, ӯ бо Ифтихорномаи Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон ва унвони фахрии "Корманди шоистаи хоҷагии деҳоти ҶШС Тоҷикистон" (1988) сарфароз гардонида шудааст.

ХИРАДМАНД

"Аммаам Муаззама Мирсобитовна падарамро "хирадманд" меномид",- ба хотир меорад духтари Ҳамза Мироқилов - номзади илмҳои тиб Максумова Зумрад Ҳамзаевна.- «Ва имрўз ман амиқ дарк мекунам, ки то чӣ андоза ин тавсиф хислату ҳастии падарамро дақиқан инъикос мекард. Падарам бисёр сухан намегуфт, кам гап мезад, аммо ҳар як калимаашро санҷидаву баркашида, ҳамон вақт мегуфт, ки зарурати ногузири гуфтанаш ҷой дошта бошад".

Имрўз Ҳамза Мироқилов дигар бо мо нест. Аммо чунон ки мегўянд, "Инсони нек ҳаргиз намемирад". Зиндагие, ки ӯ аз сар гузаронид, намунаи ибрат буд ва бори дигар собит сохт, ки меҳнати ҳалол, илм, некўкорӣ ва одоби волои инсонӣ метавонад на танҳо дар саҳифаи китобу гузоришҳо, балки дар сарнавишти тамоми кишвар низ осор гузорад.

Таҳмина УБАЙДУЛЛОЕВА



150 соли Ванде Матарам:

СУРУДИ БЕДОРИИ МИЛЛИИ ҲИНДУСТОН

Дар байни рамзҳои зиёде, ки сафари тӯлонӣ ва душвори Ҳиндустонро ба сӯи озодӣ ташаккул доданд, “Ванде Матарам” ҷойгоҳи нодири эмотсионалӣ, фарҳангӣ ва таърихӣ дорад. Ин на танҳо як суруд, балки даъватест барои бедор кардани виҷдони коллективии миллате, ки миллионҳо ҳиндуҳоро барои мубориза барои озодӣ аз ҳукмронии мустамликавӣ дар давраи ҳаракати миллӣ дар охири асри 19 ва аввали асри 20 илҳом бахшидааст.

Калимаҳои “Ванде Матарам”, ки маънояш “Ман ба ту таъзим мекунам, Модар” аст, идеяи Ҳиндустонро аз як мавҷудияти одии ҷуғрофӣ ба як мавҷудияти зинда, ки сазовори муҳаббат, фидокорӣ ва садоқат аст, табдил доданд. Аз раҳпаймоиҳои эътирозӣ то камераҳои зиндон, аз дуоҳои пичирросзананда то шиорҳои раъду барқ, “Ванде Матарам” ба тапиши қалби ҳаракати озодии Ҳиндустон табдил ёфт. Ҳатто имрӯз ҳам, он ҳамчун ёдраскунандаи ягонагӣ, устуворӣ ва пайванди пойдори байни сарзамин ва мардуми он садо медиҳад.

ПАЙДОИШИ ДАЪВАТИ МИЛЛӢ

“Vanda Mataram”-ро Банким Чандра Чаттопадхяй эҷод карда, бори аввал 7-уми ноябри соли 1875 дар маҷаллаи “Бангадаршан” нашр кардааст. Ин суруд, ки бо забони санскрити бенгалӣ навишта шудааст, зебоии адабии классикиро бо ҷозибаи амиқи эмотсионалӣ омехта кардааст. Баъдтар, он дар романи машҳури Банким Чандра “Анандамат” (соли 1882 нашр шудааст), ки дар заминаи муқовимати барвақт ба ҳукмронии хориҷӣ ва қаҳтии харобиовари Бенгал дар соли 1770 тасвир шудааст, заминаи пурқуввати ривоятӣ пайдо кард. Дар роман инқилобгарони зоҳид ҳаёти худро ба ватан мебахшанд, ки ҳамчун модари ғамхор, вале ранҷур тасаввур карда мешавад.

БАНКИМ ЧАНДРА ЧАТТОПАДХЯЙ: МАФҲУМИ СУРУД

Банким Чандра Чаттопадхяй (1838-1894) на танҳо офарандаи “Ванде Матарам”, балки яке аз аввалин меъморони миллатгароии муосири Ҳиндустон низ буд. Ӯ, ки дар давраи ҳукмронии Британиё буд, адабиётро ҳамчун абзоре барои муқовимати фарҳангӣ ва зеҳнӣ истифода мебурд. Тавассути романҳо, эссеҳо ва шеърҳо, ӯ кӯшиш мекард, ки эҳтироми худ, қудрати ахлоқӣ ва ифтихори тамаддунии ҳиндуҳоро эҳё кунад. Ванде Матарам то ҳол саҳми пойдори ӯ боқӣ мемонад - асаре, ки аз адабиёт фаротар рафта, ба як шиори миллӣ табдил ёфт. Бо тачассуми миллат ҳамчун модар, Банким Чандра барои муборизаи ҳиндуҳо лангари эҳсосӣ фароҳам оварда ва ватандӯстиро ба як тачрибаи амиқан шахсӣ ва самимӣ табдил дод.

МАЪНО ВА РӮҲИЯИ СУРУД

Дар асл, Ванде Матарам эҳтироми миллатро ҳамчун модар - парастор, муҳофизаткунанда ва муқаддас ифода мекунад. Суруд инҳоро ба хотир меорад - киштзорҳои ҳосилхез ва дарёҳои равон; ҳосили фаровон ва зебоии табиӣ; қувват, шуҷоат ва энергияи илоҳӣ ва; вазифаи фарзандонаш барои ҳифз ва хидмат ба ӯ. Ин биниши шоирона миллатгароиро аз як мафҳуми сиёсӣ ба як уҳдадории ахлоқӣ ва эмотсионалӣ баланд бардошт ва наслҳоро барои дидани хидмат ба кишвар ҳамчун як вазифаи муқаддас илҳом бахшид.

СУРУДИ ҶУНБИШИ ОЗОДӢ

Дар охири асри 19 ва аввали асри 20 Ванде Матарам дар саросари Ҳиндустон паҳн шуда буд. Донишҷӯён, коргарон ва инқилобгарон ҳангоми ситоиши Ванде Матарам бо зиндон ва ҳатто шаҳид рӯ ба рӯ мешуданд. Суруд аз марзҳои минтақавӣ, забонӣ ва иҷтимоӣ фаротар рафт ва ҳувияти муштараки миллиро ташаккул дод. Маҳатма Гандӣ Ванде Матарамро қисми ҷудонашавандаи муборизаи озодӣ медонист. Ҷавоҳирлал Нехру, аввалин сарвазири Ҳиндустони мустақил, нақши таърихии ин сурудро дар муборизаи миллӣ эътироф кард ва таъкид кард, ки он бояд ба наслҳои ояндаи ҳиндустониҳо илҳом бахшад.

СУРУДИ МИЛЛИИ ҲИНДУСТОН

24-уми январи соли 1950 Маҷлиси муассисон ба Ванде Матарам мақоми Суруди миллии Ҳиндустонро дод ва ба он баробари Суруди миллӣ, Ҷана Гана Мана, эҳтироми баробар дод. Суруди миллӣ, ки аз адабиёт ба вучуд омадааст, бо мубориза тақвият ёфтааст ва тавассути эҳтироми дастаҷамъона ҳифз шудааст, рӯҳи миллатеро инъикос мекунад, ки ҷуръати орзуи озодиро дошт. Ванде Матарам бо таъзим ба ватан ба ҳар як ҳинду як ҳақиқати безаволро хотиррасон мекунад: миллат на танҳо бо қудрат ё сиёсат, балки бо муҳаббат, фидокорӣ ва ормонҳои муштарак устувор мемонад.

ҶАШНИ 150-СОЛАГИИ ВАНДЕ МАТАРАМ

Ванде Матарам на танҳо ёдгории гузашта аст, он рамзи зиндаи вичдони Ҳиндустон аст. Сарвазир Нарендра Модӣ борҳо Ванде Матарамро ҳамчун манбаи илҳом тавсиф кардааст, ки бедории миллии Ҳиндустонро афрӯхтааст. Таҳти роҳбарии ӯ 150-солагии Ванде Матарам (1875-2025) тавассути як соли ҷашни умумимиллӣ тачлил карда мешавад. Ин чорабиниҳо барномаҳои фарҳангӣ, намоишгоҳҳо, муҳокимаҳои илмӣ, эҳтироми бадеӣ, чорабиниҳои оммавии сурудхонӣ ва баровардани муҳр ва тангаи хотиравӣ аз ҷониби худи сарвазирро дар бар мегиранд. Имрӯз, Ванде Матарам дар мактабҳо, барномаҳои фарҳангӣ ва ҷашнҳои миллӣ суруда мешавад. Он наслҳои ҷавонро бо идеалҳои фидокорӣ, вахдат ва эҳтиром ба ватан пайваст мекунад. Сарвазир Нарендра Модӣ таъкид мекунад, ки Ванде Матарам на танҳо шиор, балки ёдраскунандаи шуури тамаддунии Ҳиндустон, фидокории дастаҷамъона ва вахдати пойдор аст ва наслҳои ҷавонро бо идеалҳое, ки Ҳиндустони муосирро ташаккул додаанд, дубора пайваст мекунад. Суруди миллӣ миннатдорӣ, масъулият ва эҳсоси мансубияти дастаҷамъиро бедор мекунад. Дар Ҳиндустони босуръат тағйирёбанда он ҳамчун қутбнамои ахлоқӣ хизмат мекунад - ба шаҳрвандон хотиррасон мекунад, ки миллат на танҳо тавассути қонунҳо ва марзҳо, балки тавассути хотираи муштарак, ҳамдардӣ ва муҳаббат ба миллат бунёд меёбад.

Шипра ҶОШӢ

P. S.

Шипра Ҷошӣ намояндаи машҳури рақси классикии ҳиндӣ Катхак аст. Вай айни замон дар Маркази фарҳангии Ҳиндустон дар Душанбе Катхак ва дигар шаклҳои рақси классикии ҳиндиро таълим медиҳад.

Аз нишастҳои матбуотӣ

Соли 2025 Агентии назорат дар соҳаи энергетика 406 корманди идораҳои барқрасони кишварро барои қоидавайронкунӣ дар истифодаи нерӯи барқ ҷарима кард. Ҳаҷми умумии ҷаримаҳо 293 ҳазор сомониро ташкил додааст.



Дар ин бора роҳбарияти Агентии назорати давлатии энергетикии назди Президенти Тоҷикистон зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод.

375 нафар кормандони “Шабакаҳои тақсимоти барқ”, 12 нафар аз “Шабакаҳои интиқоли барқ”, 9 нафар аз ширкати “Барқи Тоҷик”, 10 нафар аз ширкати “Помир Энерҷӣ” аз қоидавайрокунандаҳо мебошанд.

Икромиддин Вализода, раиси ноҳияи Ёвон дар нишасти хабарӣ гуфт, ки ба хотири беҳтар кардани таъмини оби нӯшокӣ дар маркази ноҳияи Ёвон амалисозии лоиҳаи таъмини оби нӯшокӣ идома дорад.



Ӯ зикр намуд, ки барои амалӣ шудани ин лоиҳа соли 2025 миёни Вазорати молияи Тоҷикистон ва Бонки аврупоии тачдид ва рушд созишнома ба имзо расид. Созишномаи мавриди назар 4 миллиону 800 ҳазор доллар арзиш дорад.

“Аз ин 2 миллиону 400 ҳазор доллар грант ва боқимонда аз ҳисоби ҳақи хизмати обрасонӣ баргардонида мешавад”,- таъкид кард раис.

Соли 2025 дар ноҳияи Дӯстӣ 4 корхонаи нави саноатӣ сохта ба истифода дода шуд. Дар натиҷа, беш аз 60 сокини маҳаллӣ бо ҷойи кори доимӣ таъмин гардиданд.



Даврон Нишонзода, раиси ноҳияи Дӯстӣ дар ин бора иттилоъ дода, зикр кард, ки айни замон дар ноҳия дар маҷмуъ 31 корхонаи саноатӣ фаъолият доранд. Ҳамчунин, соли 2025 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар ноҳия наздик ба 340 миллион сомонӣ расида, нисбат ба соли 2024-ум 71 миллиону 400 ҳазор сомонӣ афзоиш ёфтааст.



ПИЁЗ

Давои дарди гулӯву сулфа

Хусусияти шифобахшии пиёз ниҳоят бисёр мебошад. Аз он дар тиби халқӣ ҳамчун малҳам, дар захмҳои гуногун: чипқон, синга, колит, атеросклероз, гипертония, авитаминоз, манқа, тумов, ҳатто барои хориҷ кардани кирмҳои мудаввар (остритса) истифода мебаранд.

Пиёз дар организми одам хусусияти кам кардани миқдори қандро низ дорад. Бо сабаби ин ба таомҳои суюқ бисёртар андохтани пиёз тавсия карда мешавад.

Маслиҳати муфид:

1. Як истакон шарбати пиёзро бо ҳамин миқдор асал омехта кунед. Аз ҳамин малҳам дар як рӯз се маротиба як соат пештар аз таом дар давоми 2 моҳ якқошуқӣ истеъмол кунед, склерози майнаро даво мебахшад. Ду ҳафта танаффус карда, боз 2 моҳ хӯрдан тавсия карда мешавад.

2. Барои халос шудан аз кирми мудаввар дар як рӯз 15-20 грамм пиёз истеъмол карда мешавад ва табобат ҳафт рӯз давом мекунад.

3. Ҳангоми грипп ва шамолхӯрии роҳи нафас пиёзро майда реза карда, дар сар рӯмол гирифта, онро бӯй кунед, натиҷа медиҳад.

ТАЪКИД!

Пиёзи хомро беморони гирифтори шадиди меъда, гурда ва ҷигар набояд истеъмол кунанд. Оби пиёзро ба бинӣ чаконидан низ мумкин нест, зеро он ба луобпардаи илтиҳобӣ таъсири бад мерасонад.

ШУМОРАИ ФАВТИ ОДАМОН БАР АСАРИ БЕМОРИҲОИ ДИЛ ТОРАФТ МЕАФЗОЯД. ПЕШТАР БАЪДИ 70-80-СОЛАГӢ БА ИНФАРКТ ВА ИНСУЛТ ГИРИФТОР МЕШУДАНД, ВАЛЕ СОЛҲОИ ОХИР ОДАМОНИ 40-50-СОЛА ВА БАЪЗАН АЗ ИН ҲАМ ҶАВОНТАР БАР АСАРИ САКТАИ ҚАЛБӢ ВА ДИГАР КАСАЛИҲОИ ДИЛ ДУНЁРО ПАДРУД МЕГӮЯНД.



7 РОҲИ ЭМИН МОНДАН АЗ САКТАИ ДИЛ

Табибон мегӯянд, шахсоне, ки худро аз бемориҳои дил ва рагҳои хунгарди он эмин нигоҳ дошта метавонанд, умри дароз мебинанд. Мехоҳед, ки саломатии худро нигоҳ дошта, аз чунин касалиҳо эмин монед? Пас, бо тавсияҳои зерини Ассосиатсияи табибони кардиологи Амрико амал намоед.

1. СИГОР НАКАШЕД!

Душмани аз ҳама бузургтарини дил сигор мебошад. Солим мондан хоҳед, аз баҳри сигор ва дигар анвои тамоку гузаред!

2. ИНДЕКСИ МАССАИ БАДАНИ ХУДРО САНҶЕД!

Индекси бадани одами солим бояд аз 18,5 то 24,9 кг/м2 бошад. Санҷидани индекси массаи бадан чандон кори душвор нест. Барои ин шумо бояд баландии қади худро чен карда, онро бо квадрат зарб занед. Пас аз ин вазни худро ба адади рақами ҳосилшуда тақсим кунед. Ҳамин тавр, шумо метавонед индекси массаи баданатонро муайян намоед ва дар сурати зиёд буданаш баҳри кам кардани он кӯшиш ба харҷ диҳед. Вазни зиёдатиро бо як роҳи дигар низ ба осонӣ фаҳмидан мумкин аст. Барои ин шумо бояд миёнатонро чен кунед. Меъёри миёнаи даври миён барои мардон 94 см ва барои занон на бештар аз 80 см мебошад.

3. МАШҚ КУНЕД!

Машқҳои ҷисмонӣ ба саломатии инсон нақши муҳим доранд. Фаромӯш накунед, ки дар як ҳафта ҳадди ақал шумо бояд 150 дақиқа машқҳои сабук ё 75 дақиқа машқҳои вазнинро анҷом диҳед. Роҳи беҳтарин дар якҷоягӣ анҷом додани ин машқҳост.

4. ҒИЗОИ СОЛИМ ХӮРЕД!

Ғизои солим барои саломатӣ хеле муҳим аст. Табибони диетолог тавсия медиҳанд, ки аз машруботи спиртӣ, хӯрдани хӯрокҳои тезу тунд ва шӯр худдорӣ намуда, бештар меваю сабзавоти тару тоза, чормағз, гӯшти мурғ ва моҳӣ истеъмол намоед.

5. САТҲИ ХОЛЕСТЕРИНРО САНҶЕД!

Барои дилпур гаштан аз вазъи саломатии худ ва пешгирӣ намудани касалиҳои дил шумо бояд ҳамеша сатҳи холестеринро дар хунатон санҷида истед.

6. БАЛАНДШАВИИ ФИШОРИ ХУНРО ПЕШГИРӢ КУНЕД!

Одамон бештар бар асари бемории фишорбаландии шараёнӣ ба касалиҳои дил гирифтор мешаванд. Солим мондан хоҳед, фишори хунатонро ҳамеша санҷида истед ва баландшавии онро пешгирӣ намоед. Фишори одами солим набояд аз 120/80 мм рт боло бошад.

7. АЗ КАСАЛИИ ҚАНД ЭҲТИЁТ БОШЕД!

Гирифтор шудан ба касалии қанд хатари вайрон шудани кори узвҳои дохилии инсон, аз ҷумла дил ва марги бармаҳалро ба маротиб меафзояд. Барои пешгирии ин ҳолат шумо бояд ҳамеша қанди хунатонро санҷида истед. Миқдори глюкоза дар хуни инсон набояд аз <5,6 ммоль/л зиёд бошад. Ташхиси хун барои бемории қанд дар аксари беморхона ва дармонгоҳҳо ройгон аст.

Толеънома



Ҳамал
21.03 - 20.04

Нафароне, ки дар мучали ҳамал ба дунё омадаанд, ин ҳафта дар рафъ намудани мушкилоти молиявӣ бурд мекунанд. Агар боақлона амал намоед, имкони ба даст овардани маблағи хуб вуҷуд дорад. Ба саломатӣ ва хӯроки фоидабахш диққати хоса диҳед.



Саратон
22.06 - 23.07

Дар ин ҳафта муносибати худро бо атрофиён ба эътидол меоред. Вақтҳои охир аз муошират бо наздикон дурӣ ҷуста, онҳоро сахт ранҷонида будед. Ғуруру такаббури худро як сӯ гузошта, аз онҳо бахшиш пурсед.



Мизон
25.09 - 22.10

Мудом серташвишу серкор мешавед, дар хонаву ҷои кор мушкилоти ҷиддиро ба анҷом расониданатон лозим меояд. Ташвишу изтироби пайваста асабатонро хароб месозад. Дар бораи зиндагии худ ба атрофиён нақл карда, бар зарари худ амал менамоед.



Ҷаддӣ
22.12 - 20.11

Вақте расидааст, ки нафарони дар мучали ҷаддӣ тавлидёфта ба беҳтар сохтани донишу малака машғул шаванд. Бурдборӣ дар ҳаёти шахсӣ низ ҳамсафари шумо мегардад, баъзеҳо бахти худро тавассути шабакаи интернет пайдо месозанд.



Савр
21.04 - 21.05

Ҳунару маҳорате, ки дар замири шумо нуҳуфтааст, айни замон пурра кашф нагаштааст. Шумо имкони ба қуллаҳои баландтари муваффақият расиданро доред. Вақте расидааст, ки қобилиятҳои худро дар амал татбиқ намоед.



Асад
23.07 - 22.08

Нафарони дар мучали асад ба дунё омада аз маблағи баногаҳ ба дасташон омада хеле шод мегарданд. Ҳамаи пулҳоятонро якбора сарф накунед, вагарна чанд рӯз азоби бепулӣ мекашед. Барои нафароне, ки ҷойи кори худро иваз кардан ҳастанд, ҳафтаи мусоид аст.



Ақраб
23.10 - 22.11

Нафароне, ки бо тичорат сарукор доранд, часурона робитаҳои ҳамкориро вусъат дода метавонанд. Одати дамдуздиро партофта, кушоду равшан амал намоед. Дар бораи ҳаёти шахсӣ ва нақшаҳоятон ба ҳамкорон нақл накунед.



Далв
21.01 - 19.02

Қабл аз он ки бо масъалаҳои молиявӣ машғул мешавед, барои ба даст овардани маблағи бештар ҷиҳатҳои мусбату манфии корро санҷиданатон лозим меояд. Нисбати наздикони худ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоед, хусусан волидони пир, бобову бибиятонро хабар гиред.



Ҷавзо
22.05 - 21.06

Барои зодагони бурҷи ҷавзо ҳафтаи хеле бобарор аст. Вақти бештари худро ба дӯстону наздикони худ бубахшед. Агар нияти таъмир ва рӯбучини хонаро дошта бошед, ҳафтаи мусоидро истифода бубаред. Рӯзҳои шанбеву якшанбе беҳтараш дар хона истироҳат кунед.




Сунбула
23.08 - 22.09

Барои донишҷӯён ҳафтаи бобарор фаро мерасад. Санҷишу имтиҳонҳоро бо сари баланд супорида, табъатон хуш мегардад. Аз нишасту ҷамъомади дӯстон худро дур нагиред. Дӯстдоштаашон дар рафъ намудани мушкиле аз шумо мадад мепурсад.



Қавс
25.11 - 21.12

Барои ба мақсад расидан шумо бояд одати истодагарӣ ва мақсаднокиро аз худ намоед. Даромади пулие, ки нимаи аввали ҳафта ба даст меоред, мушкили зиёдатонро рафъ намуда, табъатон болида мегардад. Саломатиро дар мадди аввал гузоред, аз шамолхӯрӣ эҳтиёт шавед.



Ҳут
20.02 - 20.03

Вақте расидааст, ки нафарони дар мучали ҳут таваллудёфта аз сухан ба кор гузаранд. Тамоми диққати худро ба коратон равона созед, то ки барои наздикони худ туҳфаи арзанда харида тавонед. Ба нафароне, ки мушкилоти худро дар наздатон нақл мекунанд, дағалӣ накунед.

Лоиқ Шералӣ:

СИЁСАТ АЗ ГИРЕБОН МЕГИРАД...

(Идома аз шумораи гузашта)



САВОЛ: Ин ҷо маънӣ омад ба сари обу хоки Ватан ва Бухорою Самарқанд, ки як пораи бисёр азизи хоки меҳани қадими мост, ки гаҳворачунбони тамаддуну фарҳанги мо буданд. Дар ҳазорсолаҳо аз ҳамин хок, аз ҳамин об бузургтарин падидаҳои мардуми мо сар заданд. Ва имрӯз тоҷикро аз ин гаҳворааш, аз ин бумгоҳаш, аз ин пораи маънихези диёраш кандаанд. Инсоне, ки аз гаҳворааш, аз зодгоҳаш, аз бумгоҳаш рондаю монда аст, маъное дорад, ки аз чизҳои бисёре рондаю монда шудааст ва ҳоли мардуми тоҷик бе ин гаҳвораҳои маънавиаш чӣ мешавад? Имрӯзу оянда?

ЛОИҚ: Яке аз шеърҳои нахусти ман «Зарафшон» буд ва як шеъри дигарам «Зарафшон меравад сӯи Бухоро». Ва дар ин шеърҳо ишораҳо буд ва дар он солҳо ин нуктаҳоро равшан ва барчаста гуфтан мумкин набуд ва сензур ҳам катағон мекард, намегузошт, аммо имрӯзҳо, дар саҳифаҳои матбуот, дар китобҳои таърихӣ, дар мақолаҳо олимон ва муаррихон мегӯянд ва мо, гумон мекунам то аз Бухорою Самарқанд аз назари маънавӣ аз руҳонӣ ҷудо нашудаем. Самарқанду Бухоро ҳарчанд аз назари марзбандӣ, ҷуғрофӣ, имрӯз шаҳрҳои Тоҷикистон нестанд, аммо вақте ба таърих назар мекунем, ба собиқаи таърихи адабиёти ҳазорсола, фарҳанги ҳазорсола, балки беш аз ҳазор сол (то се ҳазор сол мерасад) Самарқанду Бухоро аз назари маънавӣ, руҳонӣ, равонӣ ва забонӣ аз мо дур нестанд.

САВОЛ: «Сарҳади тоҷик забони тоҷик аст».

ЛОИҚ: Бале, дуруст гуфтааст Бозор Собир. Бале, сарҳади тоҷик забони тоҷик, адабиёти тоҷик, фарҳанги тоҷик аст.

САВОЛ: Аз гуфти шумо бармеояд, ки эҳёи мо, зинда мондани миллати мо вобаста ба он аст, ки Бухорою Самарқандро дар диламон зинда дорем. Ҳамчунин бисёраш вобаста аст ба эҳёи бузургмардон, абармардони гузаштаи миллат, ки бештарашонро имрӯз мо намедонем. Ва надонистанамон бар он аст, ки дар бораашон чизе нахондаем. Ва нахонданамон аз он аст, ки аз хатулрасми бобоӣ огаҳ нестем. Ҳол он ки китобҳои ин бузургмардон ё китобҳои марбути онҳо маҳз бо ин хат эҷод шудаанд дар тӯли ҳазору сесад сол.

ЛОИҚ: Ба ростӣ, ин ҳам як фоҷиа аст, барои як нафар шоир ва барои тамоми миллат. Дар бораи абарқудратҳои фарҳанг ёд кардед, аз онҳо миллати мо кам хабар дорад. Зеро чуноне ки фарзанд аз пистони модараш ҷудо ҳамин тур мешавад, мо аз Самарқанду Бухоро ҷудо шудем. Ва дигар ин ки агар дар тамоми тӯли таърих се бор ноинсофӣ ба сари миллати мо омада бошад, дар замони истилои араб, китобро сӯхтанд, сипас муғулҳо китобро сӯхтанд, дар замони инқилоби уктабир ҳам китобҳоро сӯхтанд, китобҳоро маҳбус карданд, ба болокории ин хати ниёгони моро ҳам табдил карданд, на як бор, балки ду бор табдил карданд. Ин теша ба решаи мо буд ва моро аз тамаддуни ҳазорсолаамон, балки беш аз ҳазорсолаамон ҷудо кард ва моро мисли як кӯр, ё бо чашмони баста нигоҳ дошт ин сиёсат. Ва имрӯз, вақте ки мо мехоҳем ба расмулхати ниёгон бозгардем ва ба аслияти худамон баргардем, ҳама ҳозир нестанд. Зеро бояд аввал ин хатро навишта ва хонда тавонем. Мустақиман ба он хазинаи гузашта ворид бишавем. Барои ин калид ҳамун расмулҳат аст. Бинобар ин дар ин як-ду сол, шукри Худо, ин корҳо шуруъ шуданд ва дар барномаҳои мактаб низ ҳаст ва агар Худо тавфиқ диҳад, дар оянда, як насл агар ҳозир шуд, шояд мо ба расмулхати ниёгон баргардем ва ба ин баҳона шояд ба асли худамон низ баргардем.

САВОЛ: Рӯи мизи шумо китоби «Маснавии Маънавӣ»-и Мавлавӣ ҳаст...

ЛОИҚ: Маснавии Мавлавӣ, ҳаст Қуръон дар забони паҳлавӣ...

САВОЛ: Вале ин Қуръони мардуми моро на ҳама кас хондааст ва на ҳама кас медонад, аз он боисе, ки бо расмулхати ниёгон нигошта шуда... ва ин ҳуруфро на ҳамаи мо медонем...

ЛОИҚ: Бале... Ман аз ин китоби «Маснавии Маънавӣ» дуто дорам. Ва «Девони Кабир» ҳам дорам. Гоҳгоҳ мехонам ва ба ростӣ, ба бесаводии худам иқрор мешавам, ки то ба кӯи ҳар як талмеҳ, ҳар истиора, ташбеҳ, ки дар саросари ин китобҳо ҳастанд, ки марбути асотири қадим ё дини мубин, мо пай намебарем. Зеро, мо боз ҳам такрор мекунам, ки аз ин мактаб, ин ҷаҳон дур афтодаем. Ва ниёзи мо, боз ҳам такрор мекунам, ки ба ин китобҳо, ба гузаштаамон, фақат ба воситаи донистани хати ниёгон мумкин, ки моро ҳам ба гузашта наздик мебарад, ҳам бо ҳамзабонони худ, чӣ ба Эрону чӣ Афғонистон ва чӣ дигар ҳамзабонони ман дар тамоми ҷаҳон, ки шумораи онҳо аз сад миллион бештаранд, барои он, ки матбуоти мо, китоби мо, адабиёти илмии мо, фарҳанги мо барои ҳамзабонон дастрас бишавад, бояд ба ин расмулхат баргардем. Вагарна вақте ки дар Душанбе фарз кардем, китобхонаи Эрон боз шавад, мардуми мо мумкин бихаранд, аммо вақте ки китобфурӯшии мо, фарз кардем, дар Теҳрон кушода шуд, бо ин ҳарфи сирилик кӣ мехарад онҳоро? Ба дарди кӣ мехӯрад ин ҳарфи сирилик, фарзан дар Афғонистон ва Эрон? Мушкил ин ҷост.

САВОЛ: Умед аст, ки Худо мадад мекунад ва мерасем ба рӯзе, ки бармегардем ба ин расмулхат.

ЛОИҚ: Ман ҳам умедвор ҳастам аз Худованд.

САВОЛ: Вобаста ба нидои охиринатон як суоле сар зада. Кадом вақтҳо бештар Худо ба ёдатон мерасад? Ҳолатҳои яъсу ноумедӣ ва ё суруру шодӣ? Охир, мо ҳама парвардаи атеизми ҳафтодсолаем. Ва умуман ақидаи шумо нисбати дин.

ЛОИҚ: Ман тарафдори он ҳастам, ки ҳамчун як бачаи мусулмон алҳамдулилоҳ, ҳар инсон бояд имон дошта бошад. Одами беимон инсони комил нест. Мегӯянд, ки:

Он дил, ки ба ишқ
ошно нест,
Ҷом аст, вале
ҷаҳоннамо нест.

Ҳамун, ки илоҳӣ набошад, имон набошад, эътиқод набошад, мо як зарфе ҳастем, як ҷоме, як пиёлае ҳастем, ки хуб чой мерезем, об мерезем, аммо ҷаҳоннамо нест, мисли ҷоми ҷаҳоннамо, мисли ҷоми Ҷам. Он нури имон, нури эътиқод ва дин ҳамон нурест, ки барои мо ҷаҳонро нишон медиҳад... Ва ман дар ҳама лаҳзаҳо ва хусусан лаҳзаҳои душвор, аз Худо ёд мекунам, зеро болотар аз он чизе нест.

САВОЛ: Мегӯянд, ки баъзан фаҳмидан душвор аст, ки Лоиқ дар кучои гапаш шӯхӣ дораду дар кучояш ҷиддист, ё ҳасрате дорад. Дар ҷое як лутфи бисёр шоирона, масалан дар бораи ишқу ошиқӣ мисраҳосту лек андарунаш ҳасрати зиёде дорад.

ЛОИҚ: Хуб, ин вобаста ба саёқи сухан аст. Вақте ҳамсуҳбатамон як суоле медиҳад, ки воқеан, шӯхӣ дархост мекунад, ё суоле мекунад, ки бисёр суоли чиддист, аммо маврид надорад. Он саволе, ки бемаврид аст, маҷбур мешавед бо як тарз, як шӯхӣ, бо як киноя ҷавоб диҳед. Ва дар ҷое, ки ҷойи расмӣ аст, суҳбатҳои расмианд, ки он ҷо ҷойи шӯхӣ нест, «ва даргоҳи муҳаббат нозу шӯхӣ барнамедорад»... Хуллас, дар ҳар маврид одам бояд мавридшинос бошад. Хуб, ман гоҳо лутф ҳам мекунам, лутфҳои бечо ҳам баъзан мешавад, ин зиндагӣ ҳамин тур аст. Вобаста ба ҳамон мавриди сухан ва суҳбат.

(Давом дорад)

МАВЛУДНОМА

11 ФЕВРАЛ

Людмила Афиногенова (1921-1990), 105-солагии зодрӯзи олими соҳаи геология.

Галина Федюк (1951), 75-солагии зодрӯзи сарояндаи опера, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

12 ФЕВРАЛ

Муҳиддин Зоҳиров (1931), 95-солагии зодрӯзи арбоби ҳизбию давлатӣ.

Оқилхӯҷа Фахриев (1956), 70-солагии зодрӯзи журналист.

Рӯзибой Шарифов (1946), 80-солагии зодрӯзи Журналисти шоистаи Тоҷикистон.

13 ФЕВРАЛ

Абдуғаффор Қаҳҳоров (1896-1972), 130-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

Маннон Мавлонов (1951), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

Раъно Маҳмудова (1936-2007), 90-солагии зодрӯзи Журналисти шоистаи Тоҷикистон.

14 ФЕВРАЛ

Муқим Акрамзода (1936), 90-солагии зодрӯзи забоншинос.

Уғулҷон Деҳқонова (1931), 95-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

15 ФЕВРАЛ

Саттор Турсун (1946-2023), 80-солагии зодрӯзи нависандаи халқии Тоҷикистон, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ..

Ҳабибулло Юсуфов (1946), 80-солагии зодрӯзи генерал-майор.

Давлатзода Садриддин Хол (1961), 65-солагии зодрӯзи ходими давлативу сиёсӣ, олими соҳаи иқтисод.

16 ФЕВРАЛ

Раҳмон Ниёзматов (1956), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

Иван Челомбеев (1931-2008), 95-солагии зодрӯзи генерал-лейтенант.

Салимшо Ҳалимшо (1936), 90-солагии зодрӯзи шоир, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

17 ФЕВРАЛ

Марям Нарзуллоева (1951-2004), 75-солагии зодрӯзи олима соҳаи педагогика.

Нуъмонҷон Раҳимҷонов (1941-2012), 85-солагии зодрӯзи арбоби фарҳангӣ, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

18 ФЕВРАЛ

Рустам Муқимов (1946), 80-солагии зодрӯзи доктори илми меъморӣ, профессор, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ.

Карим Ҳошимов (1951), 75-солагии зодрӯзи мутриб, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

Аз идора

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?

ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!

Тел: 221-00-84

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

ИҶОРА МЕДИҲАМ

➔ Хонаро шабонарӯзӣ ба меҳмонон иҷора медиҳам, люкс. Тел.: 988-494-444

➔ 1-ҳуҷрагии ба 2-ҳуҷрагӣ табдилдодашуда, қабати 10, бинои навсохт, "Чордома", 4000-4500 сомонӣ, пешпардохт, ба хориҷиён ё оилаи якфарзанддор. Тел.: 907-27-75-75

➔ Як утоқро иҷора медиҳам, танҳо ба мард. Гулистон. Тел.: 001-33-80-33

ИҶОРА МЕДИҲАМ

ҲАВЛӢ

➔ Як утоқро дар бинои дуошёна иҷора медиҳам, бо соҳибхона. Бо тамоми шароиташ. Пахтакор, ноҳияи Сино, нарх шартномавӣ. Тел.: 904-43-62-62

КОР ВА ХИЗМАТРАСОНӢ

Ба посбон ниёз дорем (зан ва мард), аз 25 то 60-сола, маош 1600 сомонӣ, бо хӯроки нисфирӯзӣ. Тел.: 555-91-55-55, 93-133-00-03

КОР МЕҶӮЯМ

➔ Рӯбучини босифат, рӯбучин баъди таъмири хона, рӯбучини пурра. Тел.: 901-51-01-50, 111-40-04-86

➔ Рӯбучин ва хизматрасонӣ барои хориҷиён. Тел.: 001-33-80-33

➔ Рӯбучини босифат. Тел.: 001-33-80-33

➔ Рӯбучини босифат. Тел.: 931-47-17-13

➔ Рӯбучини хона. Тел.: 907-98-59-79

ХИЗМАТРАСОНИИ ГУНОГУН

➔ Репетитори забони русӣ. Тел.: 91-718-27-17

➔ Таъмири пурраи хона, аз А то Я. Арзон. Тел.: 919-10-10-18

Таъмири яхдон, кондитсионерҳо, мошинаҳои ҷомашӯй. Босифат ва бокафолат. Тел.: 93-447-05-71, 917-55-05-71

Насби батарей, ванна, унитазҳо, мошинаҳои ҷомашӯй, термексҳо. Тел.: 918-722-822

➔ Газовик. Тел.: 988-61-10-57

МЕХАРАМ

Қолин, пойафзоли чармин ва ҷинс, флягҳои алюминӣ, зарфҳои гуногун, мантупазак, курпача мехарам. Тел.: 93-997-49-72

➔ Ноутбукҳои корӣ ва корношоям, телевизор, усилителҳоро мехарам. Тел.: 555-52-79-79

➔ Мошинаҳои куҳнаи либосшӯии автомат, корношоямро мехарам. Тел.: 555-52-79-79

Китоб, расмвора, зарф, қолин, палос, курпа, курпача мехарам. Тел.: 900-47-07-80, 989-88-78-78, 88-214-87-87

Флягҳо, курпачаҳо, қолинҳо, медалҳо, нишонҳо, асбобу анҷом, зарфҳо, дегҳо, тангаҳо, мошинаҳои ҷомашӯй, баллонҳои газӣ, таҷҳизоти даврони шуравӣ, ҳайкалчаҳо, оҳанпора, коғазпора мехарам. Тел.: 988-33-73-61, 905-98-77-88

Зарфҳо, флягҳо, дегҳо, баллонҳои газӣ, банкаҳо, асбобу анҷом, қолин, курпача, китобҳо, тангаҳо, нишонҳо, медалҳо, ҳайкалчаҳо, хрустал, яхдонҳо, мошинаҳои ҷомашӯй, кондитсионерҳо, коғазпора, дастгоҳҳо (станки) ва оҳанпора мехарам. Тел.: 901-03-93-93, 918-70-16-92, 934-58-12-05

Флягҳо, курпачаҳо, қолинҳо, медалҳо, нишонҳо, асбобу анҷом, зарфҳо, дегҳо, тангаҳо, мошинаи ҷомашӯй, баллонҳои газӣ, таҷҳизоти даврони шуравӣ, ҳайкалчаҳо, оҳанпора, коғаз мехарам. Тел.: 904-09-59-17, 108-99-99-34, 401-99-89-89

Зарфҳо, дегҳо, баллонҳои газӣ, асбобҳо, оҳанпора, коғаз, тангаҳо, нишонҳо, ҳайкалчаҳо, мошинаҳои ҷомашӯй, мошинаҳои дарздӯзӣ, қолинҳо, кондитсионерҳо, курпачаҳо ва пахта мехарам. Тел.: 919-29-00-07, 003-777-001

Зарфҳо, дегҳо, баллонҳои газӣ, асбобҳо, оҳанпора, коғаз, тангаҳо, нишонҳо, ҳайкалчаҳо, мошинаҳои ҷомашӯй, мошинаҳои дарздӯзӣ, қолинҳо, кондитсионерҳо, курпачаҳо ва пахта мехарам. Тел.: 919-29-00-07, 003-777-001, 300-03-19-33

ЭЪТИБОР НАДОРАД

➔ Дипломи №0151076, рақами бақайдгирӣ 868, ба номи Каримзода Абдулхай, ки соли 2020 аз Коллеҷи технологии ш. Душанбе дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шаҳодатнома ва иқтибоси хоҷагии деҳқонии «Муродчон», таҳти роҳбарияти Тагойбеков Музафар Курбонович, РЯМ: 335292749, РЯМ: 3330053284, ки дар н. Ҷ. Балхӣ қарор дорад, беэътибор дониста шавад.

➔ Эълони дар ҳафтаномаи Тоҷикистон, №5 (1670), санаи 04.02.2026 оид ба гум шудани муҳри раиси маҳаллаи "Камонгарон", н. Сино чопшуда беэътибор дониста шавад.

➔ Билети донишҷӯӣ ба номи Розиқулов Назарали Бахтиёрович, ки соли 2024 аз ҷониби Донишкадаи тарбияи ҷисмонӣ ба номи С. Раҳимов дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шиносномаи техникӣ ба номи Абдураҳмонова Шаҳло Ҷурахоновна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. Маяковский 42, блоки Б, дари 2, ошёнаи 5, ҳ. 85, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шартномаи ҳадяи хонаи истиқоматӣ, НТ №0101850, санаи 29.08.2012, аз номи Одилов Темур ба номи Одилов Неккадам Темурович, бо суроғаи н. Файзобод, ҷамоати Шаҳрак, к. И. Сомонӣ 52, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шартномаи хариду фурӯши квартира, ки аз тарафи Идораи 3-юми нотариалии давлатии шаҳри Душанбе 25-уми майи соли 1995, таҳти феҳристи №8Д3-872 ба номи Ҷамолов Раҳмонали Сайвахидович нисбат ба квартираи №40, воқеъ дар шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Правда (ҳозира С. Шерозӣ), хонаи 37/1 дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Дафтари имтиҳонот ба номи Самадзода Фирдавс Маъруф, ки соли 2020 аз ҷониби РТСУ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Созишномаи №1757-ГХ/И дар бораи гузашт кардани ҳуқуқи талабот, аз санаи 12.05.2025, ба номи Раҳмонқулова Сайрам Мирзохоновна, ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, к. Айнӣ 53, бинои Истиқлол, ошёнаи 13, блоки М (фазаи 5), аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

БАРҲАМ МЕХӮРАД

➔ ҶДММ "Ориён Шаҳр", №0269203, РЯМ: 0410042353, РМА: 040064946, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

➔ ҶДММ "Нақша", №0269864, РЯМ: 0110032276, РМА: 010109042, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

➔ Кооперативи тиҷоратии "РУСТАМ 87", РМА: 200002999, РЯМ: 2010012639, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

➔ ҶДММ "Ибодуллои Нор", РЯМ: 0710013325, РМА: 070020422, ки аз 24.05.2025 дар Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода ба қайд гирифта шудааст, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

➔ ҶДММ "Кайҳон Технология", РЯМ: 0710012527, РМА: 070019562, санаи таъсисёбӣ 23.03.2014, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

➔ Кооперативи тиҷоратии "Суюнбек", РЯМ: 0710012050, РМА: 070002861, ки аз 29.07.2023 дар Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода ба қайд гирифта шудааст, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

РИСОЛАТИ МАКТАБ ДАР ЧИСТ?

Дар ҷаҳони шаклдигаркардаи имрӯз масъалаи тарбия яке аз муҳимтарин масъалаҳои сиёсати кишвар ба ҳисоб меравад. Агар дар гузашта мактаб макони омӯзиши донишҳои ибтидоӣ ҳисоб мешуд, имрӯз он ба муҳите табдил ёфтааст, ки дар ин муҳит шахсият, ахлоқ, ҷаҳонбинӣ ва мавқеи иҷтимоии кӯдак шакл мегирад.

Мутаассифона, яке аз мушкилоти ҷиддии имрӯз он аст, ки тарбия аксаран зери сояи таълим мемонад. Таваҷҷуҳ бештар ба натиҷаҳои имтиҳон, рейтинг ва ҳисоботи расмӣ равона мегардад. Аммо таҷрибаи ҷомеаҳои пешрафта нишон медиҳад, ки бе тарбияи солим таълими босифат низ натиҷаи дилхоҳ намедиҳад.

Тарбияи мактабӣ инчунин бояд ба воқеияти нави асри рақамӣ мутобиқ бошад. Кӯдакон имрӯз бештар аз омӯзгор ва падару модар аз интернет ва муҳтавои тасодуфӣ таъсир мегиранд. Агар мактаб онҳоро ба истифодаи масъулонаи технология ва ҳифзи ахлоқи рақамӣ водор намояд, бисёре аз мушкилоти иҷтимоӣ пешгирӣ мешаванд. Дар ин раванд ҳамкории мактаб ва оила аҳамияти ҳалкунанда дорад. Ҳеҷ як барномаи тарбиявӣ бидуни дастгирии оила муваффақ намешавад. Вақте кӯдак дар мактаб як чизро шунидаву дар хона чизи дигарро мебинад, низоми арзишҳои ӯ вайрон мешавад. Аз ин рӯ, муколамаи доимии омӯзгорон бо волидон бояд ҷузъи ҷудонашавандаи тарбияи мактабӣ бошад.

Ҳамзамон тарбияи мактабӣ бояд ба арзишҳои миллӣ такя кунад, вале дар ин баробар ба ҷаҳони муосир нигаронида шуда бошад. Эҳтиром ба забон, фарҳанг, таърих ва рамзҳои миллӣ бояд дар баробари тарбияи таҳаммулпазирӣ, эҳтиром ба гуногунандешӣ ва фарҳанги сулҳпарварӣ амалӣ гардад. Мактаб бояд ҷавонеро тарбия кунад, ки ҳам фарзанди арзандаи миллат ва ҳам шаҳрванди огоҳу масъули ҷаҳон бошад.



Дар маҷмуъ, тарбияи мактабӣ сармоягузорӣ ба ояндаи миллат аст. Ҳар дарс, ҳар суҳани омӯзгор ва ҳар иқдоми тарбиявӣ метавонад дар тақдири инсон ва ҳатто ҷомеа нақши ҳалкунанда бозад. Мактабе, ки танҳо дониш медиҳад, аммо инсон намесозад, рисолати худро пурра иҷро накардааст. Инсонсозӣ бошад, рисолати аслии мактаб аст.

Дилангез НУРОВА,
омӯзгори МТМУ №41-и н. Айнӣ

ҶУДО

НИШОНИ БИРИНҶИИ МУҲИДДИН АСАДУЛЛОЕВ АЗ PARIS GRAND SLAM 2026

Паҳлавони 19-солаи тоҷик Муҳиддин Асадуллоев дар рӯзи якуми мусобиқаи Paris Grand Slam 2026 дар вазни 73 кг нишони биринҷиро соҳиб шуд. Ин аввалин нишон дар таърихи ҷудои Тоҷикистон дар мусобиқаҳои «Тоскулоҳи бузург»-и Порис мебошад.



Тоҷикистонро дар ин мусобиқа бояд 7 паҳлавон намояндагӣ мекарданд, аммо Мехрзод Суфиев (-60 кг), Эмомалӣ Нуралӣ (-66 кг) ва Абубакр Боқиев (-81 кг) аз сабаби нагирифтани раводид дар Paris Grand Slam-2026 иштирок накарданд. Ҳамин тавр, Муҳиддин Асадуллоев (-73 кг), Абубакр Шеров (-81 кг), Муҳаммадҷон Абдуҷалилзода (-90 кг) ва Абубакри Акобир (-100 кг) ба ин мусобиқа рафтанд.

Асадуллоев даври аввалро озод паси сар карда, дар дар дуюм намояндаи Испания Антон Шуҳалиевро мағлуб кард. Дар марҳилаи ҳаштякниҳоӣ Муҳиддин ғалабаро бар ҷудокори мизбон Петер Ҷеан ба даст оварда, дар марҳилаи чаҳорякниҳоӣ аз Мануел Ломбардои ботаҷриба аз Итолиё мағлуб шуд. Дар марҳилаи тасаллобахш Асадуллоев бар Йессет Куанови қазоқ ғолиб шуда, дар муборизаи барои ҷойи сеюм Дайян Боулемтафеси мизбонро шикаст дод ва соҳиби нишони биринҷӣ гардид. Барои Муҳиддин Асадуллоев ин аввалин медали биринҷӣ дар мусобиқаҳои «Grand Slam» мебошад.

Пеш аз ин ӯ соҳиби нишони тило ва нуқра шуда буд. Дар зимн, Муҳиддин Асадуллоев бо ҷоизаи “Ситораи дар ҳоли тулуъ”-и соли 2025 аз ҷониби Федератсияи байналмилалии ҷудо қадрдонӣ шуд.

Дар рӯзи охири мусобиқа Абубакр Шеров (-81 кг), Муҳаммадҷон Абдуҷалилзода (-90 кг) ва Абубакри Акобир (-100 кг) ба майдон омаданд ва фақат ба Шеров муяссар шуд, ки зинаи 7-умро соҳиб шавад.

ФУТБОЛ

ҚУРЪАКАШИИ ЛИГАИ ОЛИИ ЧЕМПИОНАТИ ТОҶИКИСТОН БАРГУЗОР ШУД

Як моҳ қабл аз оғози мавсими нав маросими қуръакашии тақвими бозиҳои Чемпионати футболи Тоҷикистон байни дастаҳои Лигаи олӣ баргузор шуд. Қуръакаширо собиқ бозигарони маъруфи тими миллии Тоҷикистон Юсуф Рабиев ва Ҷамшед Исмоилов гузарониданд.



Дар мавсими 35-умин Чемпионати Тоҷикистон дувоздаҳ даста ширкат мекунанд. Инҳо дастаҳои “Истиқлол”, КМВА (ҳарду аз Душанбе), “Вахш” (Бохтар), “Равшан” (Кӯлоб), “Хуҷанд”, “Эсхата” (ҳарду аз Хуҷанд), “Ҳосилот” (Фархор), “Регар-ТадАЗ”, “Сардор” (ҳарду аз Турсунзода), “Баркчӣ” (Ҳисор), “Истаравшан” (Истаравшан) ва “Парвоз” (Фурудгоҳи байналмилалии Хуҷанд) ҳастанд.

Мавсими нав дар ду марҳила сурат гирифта, ҳар даста ҳам дар хона ва ҳам дар сафар бозӣ мекунад. Дар натиҷа ҳар як даста дар доираи чемпионат 22 бозӣ анҷом хоҳад дод. Дастае, ки дар Лигаи олии Тоҷикистон-2026 ҷойи охиринро мегирад, ба Лигаи якум меравад. Дастае, ки дар зинаи ёздаҳум мемонад, бо дастаи ҷойи дуюми Лигаи якуми Тоҷикистон-2026 бозиҳои гузаришӣ баргузор мекунад.

Ҳамин тавр дар даври аввал “Регар-ТадАЗ” бо “Равшан”, “Истиқлол” бо “Сардор”, “Парвоз” бо “Истаравшан”, “Ҳосилот” бо КМВА, “Хуҷанд” бо “Эсхата” ва “Вахш” бо “Баркчӣ” бозӣ мекунанд.

Оғози мавсими нави Лигаи олии футболи Тоҷикистон рӯзи 6-уми март ба нақша гирифта шудааст.

ФУТЗАЛ

ШИКАСТИ МУИН ҒАФУРОВ АЗ ЯЪҚУБ ВИКЛАЧИ ЛАҲИСТОНӢ

Муин Ғафуров, размикори 29-солаи тоҷик дар мусобиқаи “UFC Fight Night” аз Яъқуб Виклачи лаҳистонӣ мағлуб шуд. Ин набард дар Лас Вегаси Амрико баргузор шуд ва дар лаҳзаҳои охири даври сеюми он размикори лаҳистонӣ бо усули бӯғӣ кардан Муин Ғафуровро мағлуб кард.




Ин 5-умин рақобати размикори тоҷик дар ташкилоти маъруфи UFC буд. Ӯ дар се муборизааш мағлуб ва дар дутои дигар ғолиб шудааст. Дар умум Муин Ғафуров дар муҳорибаҳои омехта 27 қуввазмоӣ гузаронида, дар 20-тои он пирӯзӣ ба даст овардааст.

Яъқуб Виклач, ҳарифи размикори тоҷик дар корномааш дар муҳорибаҳои омехта 18 ғалаба, 3 бохт ва 2 мусовӣ дорад. Дар UFC ӯ ду муборизаи анҷом дода, дар ҳарду пирӯз шудааст.

Бояд гуфт, дар UFC аз Тоҷикистон се размикор Нурулло Алиев, Муҳаммад Наимов ва Муин Ғафуров разм мекунанд, вале ҳеҷ кадом ба феҳристи 15-гонаи беҳтаринҳои вазни худ ворид нашудаанд.

Чанде пеш UFC бо Лоиқ Рачабов, размикори 35-солаи тоҷик шартномаи ҳамкориро тамдид накард ва ӯ аз ширкат дар ин мусобиқот маҳрум шуд.

РЕЗААХБОР



Конфедератсияи футболи Осиё (AFC) барои мизбонии Ҷоми Осиё дар соли 2031 ва соли 2035 кишварҳои дархостдодаро эълон кард. Тибқи иттилои Конфедератсияи футболи Осиё, шаш дархост аз Австралия, Ҳиндустон, Индонезия, Куриё, Кувайт ва як дархости муштарак аз Ӯзбекистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон барои мизбонии Ҷоми Осиё-2031 пешниҳод шудааст.

***

Рӯзҳои 14-15-уми феврал дар Маҷмааи варзишии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Чемпионати кураши кишвар баргузор хоҳад шуд. Дар доираи ин мусобиқа паҳлавонони беҳтарини ҷумҳурӣ барои ба даст овардани унвони чемпионӣ ва нишон додани сатҳи баланди маҳорати худ ба майдон меоянд. Ғолибони мусобиқа дар Бозиҳои Осиё ва дигар мусобиқаҳои байналмилалӣ Тоҷикистонро муаррифӣ хоҳанд кард.

***

Португалия ва Испания ба финали Ҷоми футзали Аврупо-2026 роҳ ёфтанд. Дар марҳилаи нимниҳоии мусобиқа Португалия бар Фаронса ва Испания бар Хорватия ғолиб шуданд. Ҳамин тавр, дар финали мусобиқа Испания бар Португалия бо ҳисоби 5:3 пирӯз шуд ва унвони чемпионро ба даст овард. Дар бозӣ барои ҷойи сеюм Фаронса аз Хорватия (вақти асосӣ 5:5, пеналтӣ 5:6) мағлуб шуд.

***

6-уми феврал Бозиҳои XXV зимистонаи олимпӣ дар Итолиё шуруъ шуд. Маросими ифтитоҳ бори аввал дар таърих ҳамзамон дар чор шаҳр: Милан, Кортина-д'Ампетссо, Предатссо ва Ливинйо баргузор шуд. Дар сеюмин Бозиҳои пайдарпайи зимистонаи олимпӣ, Тоҷикистон дар он иштирок нахоҳад кард. Тоҷикистон барои Бозиҳои соли 2026 ҳеҷ муҷаввизе надорад ва варзишгарони тоҷик дар мусобиқаҳо намояндагӣ намекунанд.



ОМОР НЕ, ЮМОР

Дар нишасти матбуотие масъули ташкилоте аз бурду бохти соҳа хеле сухан гуфт ва бо овардани рақамҳо рушди барқкосои онро махсус қайд кард.

Рӯзноманигоре аз Мундонӣ пурсид:

- Ҳазратам, оморро гӯш кардед?

Мундонии аз баромад ба вақд омада гуфт:

- Ин омор не, юмор шуд.

МАН АЗОБ МЕКАШАМ

Дар Панҷакент Мундонӣ меҳмони писартағояш Икромҷон Гадоев шуд. Дар онҷо дуредгари моҳир Усто Ваххоби Завронӣ ва рӯзноманигор Ғайбулло Муҳаммадиев низ ҳузур доштанд. Усто лаҳзае худро аз кор фориғ карданӣ шуда, носкадуи бобоиро ба даст гирифт, кафашро аз носи дастисози худаш пур кард, даҳонро калон во карда, носро зери забон партофт ва дастро сӯйи Ғайбулло такконд. Икромҷон "ман сигор мекашам" гуфта, аз ҷайбаш як сигор бароварда, онро гиронд ва ӯ низ сӯйи акои Ғайбулло дудашро пуф кардан гирифт. Мундонӣ аз рафтори онҳо ба вақд омада, аз Ғайбулло пурсид.

- Икромҷон сигор мекашанду усто нос. Шумо чӣ мекашед?

Ғайбуллои норозӣ аз рафтори онҳо посух дод:

- Ман азоб мекашам, бобо.

ТЕЗГӮЯК

Мундонӣ муриде дошт, ки хеле бо оҳистагӣ гап мезад. Ҷумлаеро мегуфт ва баъди чанде таваққуф, баъд ба ҷумлаи нав шуруъ мекард. Ин субҳ ӯ ба Мундонӣ занг зада, ғайриодат булбул барин сухан мегуфт. Мундонӣ ҳайрон шуда, пурсид:

- Бобо, тинчӣ аст, тезгӯякбозӣ дорӣ?

Ӯ хандиду гуфт:

- Ман бо роуминг занг мезанам ҳазрат. Нархашро фаҳмӣ, худат ҳам тезгӯяк мегӯй,- посух дод номбурда.

АШТ ГУФТА, ДАШТРО КУШТАНД

"Барқи тоҷик" эълон кард, ки дар фалон кӯчаҳои шаҳр барқ хомӯш мешавад ва эҳтимол об ҳам қатъ шавад. Чун дар рӯйхат суроғаи мо набуд, на об захира кардему на коре барои бе барқ мондан. Аммо ғайричашмдошт ҳам барқ хомӯш шуду ҳам об қатъ. Бо ҳайрат аз Мундонӣ пурсидам:

- Дар рӯйхат суроғаи мо набуд ку? Чаро барқи моро хомӯш карданд?

Мундонӣ бо табъи болида гуфт:

- Ашт гуфта, Даштро куштанд.

Холиқназар ҶУМЪАЗОДА

сараш неву ба пояш парронди?

Бобо:

- Охир, вай аллакай бе калла буд, бачам.

ИД

Аз майхорае пурсиданд:

- Ту арақ менӯшӣ?

Гуфт:

- Танҳо рӯзҳои ид.

- Кадом идро дар назар дорӣ?

Гуфт:

- Рӯзе, ки арақ ёбам, ҳамон рӯз бароям ид аст.

ДӮЗАХ

Духтар ба падар мегӯяд:

- Дада, ман наметавонам бо Илҳом оиладор шавам. Ӯ ба вуҷуд доштани дӯзах бовар надорад.

Падар дар чавоб:

- Э духтари сода, зудтар розӣ шав! Ту бо модарат зуд хатояшро собит менамоед!

ТИР

Афсар аскари қаториро сарзаниш мекунад:

- Ман ба ту чанд бор гуфтам, ки аввал бояд тири ҳушдордиҳанда парронӣ!

Аскар:

- Ман ҳамин тавр кардам.

Афсар:

- Аблаҳ, ба сараш чаро парронди?

Аскар:

- Барои он ки зудтар фаҳмад.

ҚАРТА

Шавҳар дӯстонашро ба хона оварда, чун ҳамеша қартабозӣ мекунанд. Соати панҷи субҳ ҳеҷ бозии онҳо тамом намешавад. Баногаҳ зан бо доду вой ба хона даромада, мегӯяд:

- Ҳамаатон аз хонаи ман дафъ шавед!

Шавҳар мегӯяд:

- Нисо, дод назан, аллакай ин хонаи ту нест!

ОРЗУ

Аз марде пурсиданд:

- Чӣ орзу дорӣ?

Мард:

- Шаробро партофтан.

Гуфтанд:

- Парто охир!

Мард гуфт:

- Бе орзу чӣ тавр зиндагӣ кунам?

Таҳияи Н. РАҶАБОВА

Сканворд

